**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**ҚАРОР**

# Дар бораи Стратегияи давлатии рушди бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020

(sapори Ҳукумати ҶТ аз 27.04.2015 № 238)

Мутобиқи моддаи 6(1) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои инкишофи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва бо мақсади таъмини иҷрои чорабиниҳои Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2012, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015 ва баланд бардоштани сатҳи шуҷл, таъсис додани бозори меҳнати фасеҳ, ҳифзшуда ва барои ҳама дастрас Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1) Стратегияи давлатии рушди бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2) Барои таъмини ҳамоҳангӣ, назорати иҷрои вазифаҳо ва чорабиниҳои Стратегияи давлатии рушди бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистои то соли 2020 дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Шӯрои роҳбарикунанда таъсис дода шавад. Ҳамоҳангсозии фаъолияти Шӯрои роҳбарикунанда ба зиммаи Вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуҷли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта шавад *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 27.04.2015 № 238)*.

3) Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мӯҳлати ду моҳ доир ба ҳайат ва Низомномаи Шӯрои роҳбарикунанда лоиҳаи қарори дахлдорро барои тасдиқ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намояд *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 27.04.2015 № 238)*.

4) Вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ҳар сол дар мувофиқа бо Шӯрои роҳбарикунанда нақшаҳои соҳавӣ ва минтақавии татбиқи Стратегияи мазкурро таҳия намуда, оид ба иҷрои он ба Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ахбор пешниҳод намоянд *(қарори Ҳукумати ҶТ аз 27.04.2015 № 238)*.

Раиси

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

аз 2 июни соли 2011 № 277

ш. Душанбе

Бо қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз "2" июни соли 2011 №277
тасдиқ шудааст

# Стратегияи давлатии рушди бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020

(қарори Ҳукумати ҶТ аз 27.04.2015 № 238)

РӮЙХАТИ ИХТИСОРОТ

| | |
|---|---|
| АИ | Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон |

| | |
|---|---|
| АО | Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВА | Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВАО | Воситаҳои ахбори омма |
| ВКХ | Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВК | Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВМИ | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати ҶТ аз 27.04.2015 № 238) |
| ВММША | Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати ҶТ аз 27.04.2015 № 238) |
| ВМол | Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВН | Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВРИС | Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон. |
| ВТҲИА | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати ҶТ аз 27.04.2015 № 238) |
| ВЭЗО | Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати ҶТ аз 27.04.2015 № 238) |
| ВМКБ | Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон |
| ДИПҶТ | Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ДИДПҶТ | Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати ҶТ аз 27.04.2015 № 238) |
| ИЕ | Иттиҳоди Европа |
| ИКҶТ | Иттиҳодияи корфармоёни Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| КА | Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| КТР | Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| КДСИАД | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ММД | Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ |
| | Муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷа |

| | |
|---|---|
| ММХ | |
| МТС | Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| НТҶ | Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ |
| ТБМ | Ташкилоти Байналмилалии Меҳнат |
| ТҒД | Ташкилотҳои ғайридавлатӣ |
| ТҚК | Тадқиқоти қувваи корӣ |
| ФИКМТ | Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон |
| ММША | Мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ. Вазифаи ин мақомотро Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар сохтори Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро менамояд (қарори Ҳукумати ҶТ аз 27.04.2015 № 238) |
| АСИН | Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати ҶТ аз 27.04.2015 № 238) |
| ҲНДСММША | Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ. Хадамоти мазкур вазифаҳои назорату санҷишҳои давлатии риояи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи меҳнат, қоидаҳои ҳифзи меҳнат, стандартҳо ва меъёрҳои бехатарии меҳнат, гузаронидани экспертизаи шароити меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолиро анҷом дода, ба Нақшаи идоракунии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил шудааст (қарори Ҳукумати ҶТ аз 27.04.2015 № 238) |
| ШИ | Шарикони иҷтимоӣ: ташкилоти кормандон (иттифоқҳои касаба), ташкилоти корфармоён |

# 1. МУҚАДДИМА

Стратегияи таҳиягардидаи давлатии рушди бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 (минбаъд – Стратегия) ҳуҷҷати банақшагирии сиёсат буда, он амалҳоеро инъикос менамояд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи дарозмӯҳлат анҷом медиҳад, то ки рушди иқтисодӣ таъмин ва ба баланд бардоштани сатҳи шуғл мусоидат карда шавад. Зарурати таҳияи ин Стратегия

дар доираи Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи солҳои 2010-2012 муайян гардидааст.

Ҳангоми таҳияи Стратегия натиҷаҳо ва тавсияҳои ҳисоботи таҳлилии "Сиёсати меҳнат дар Тоҷикистон", маълумотҳои омори расмӣ ва тадқиқотҳои қувваи корӣ, иттилоот аз ҳисобот ва тадқиқотҳои мухталиф, ҳисобот оид ба тадқиқотҳои коршиносони байналмилалӣ ва маҳаллӣ, ки дар чаҳорчӯбаи таҳияи ҳисоботи таҳлилии дар боло номбурда анҷом дода шудаанд, ҳуҷҷатҳои аз ҷониби Ҳукумат қабулгардидаи банақшагирии сиёсат – Стратегияи миллии рушд то соли 2015, Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи солҳои 2010-2012 истифода шудаанд.

Барои таҳияи ин Стратегия моҳи январи соли 2010 бо кӯмаки техникии лоиҳаи ИЕ "Кӯмаки техникӣ ба Барномаи дастгирии сиёсати секторалӣ дар соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ – қисми сиёсати меҳнат" (EuropeAid/127893/C/SER/TJ) гурӯҳи кории байниидоравӣ таъсис дода шуда буд. Ба ҳайати ин гурӯҳи корӣ мутахассисон аз Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти зертобеи он, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Институти демографияи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маркази татқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, намояндагони ташкилотҳои байналмилалӣ ва бахши ғайриҳукуматӣ, инчунин Шарикони иҷтимоӣ шомил шуданд (қарори Ҳукумати ҶТ аз 27.04.2015 № 238).

## 2. РУШДИ ИҚТИСОДӢ

Сиёсати иқтисодӣ бо сиёсати шуғл ва бозори меҳнат зич алоқаманд аст. Суботи сиёсӣ ва сиёсати аз ҷониби давлат татбиқшаванда ба рушди иқтисодӣ таъсир расониданд. Ҳамасола сатҳи зиндагии аҳолӣ баланд мегардад.

Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ бо нархҳои амалкунанда (ММД) дар соли 2009 нисбат ба соли 2005 2,9 маротиба афзуда, рушди миёнаи солонаи ММД 6,66 фоизро ташкил намуд. Содироти ашёи хом аз ҷумла, пахта ва алюминий ба рушди иқтисоди кишвар кӯмак расонд. ММД ба ҳар сари аҳолӣ аз соли 2005 2,62 маротиба афзоиш ёфт, вале сатҳи таваррум низ дар ин давра баланд буд ва ба ҳисоби миёна 11,5 фоизро ташкил дод (Ҷадвали 1). Дар соли 2009 ҳаҷми ММД 20628,3 миллион сомониро ташкил намуда, суръати воқеии афзоиши

ММД бо нархҳои муқоисашаванда ба 3,9 фоиз расид. Бо вуҷуди ин, он дар муқоиса бо дигар кишварҳои минтақа баланд мебошад.

***Ҷадвали 1***

Нишондиҳандаҳои асосии рушд

| Нишондиҳандаҳо | с.2005 | с.2006 | с.2007 | с.2008 | с.2009 |
|---|---|---|---|---|---|
| Афзоиш дар муқоиса бо соли пешин, бо % | | | | | |
| ММД | 6,7 | 7,0 | 7,8 | 7,9 | 3,9 |
| Сатҳи таваррум | 7,1 | 12,5 | 19,7 | 11,8 | 6,4 |
| Содирот | -0,7 | 54,0 | 4,9 | -4,0 | -28,3 |
| Воридот | 11,7 | 29,7 | 47,6 | 28,5 | -21,5 |
| бо % нисбат ба ММД | | | | | |
| Касри (-), профитсити (+) буҷети давлатӣ | 0,4 | 0,7 | 2,2 | 2,3 | 1,3 |
| Қарзи берунӣ (хориҷӣ) | 38,9 | 31,0 | 30,2 | 26,7 | 36,5 |
| Сармоягузориҳо ба сармояи асосӣ | 4,3 | 7,1 | 15,3 | 21,8 | 18,9 |

Манбаъ: Маълумоти омори расмӣ

Дар солҳои 2002-2004 афзоиши иқтисодӣ ба 10,3-11,0 фоиз расид, вале дар солҳои 2005-2008 афзоиши миёнаи солонаи он ба 7,35 фоиз баробар гардид. Сабаби пастшавӣ таъсири нархҳои нисбатан баланди нафт ва таъсири бӯҳрони молиявии ҷаҳонӣ – паст шудани нархҳои маҳсулоти асосии содиротӣ ва нисбатан коҳиш ёфтани интиқоли маблағҳо аз муҳоҷирони меҳнатӣ дар хориҷи кишвар буд.

Дар соли 2009 сатҳи таваррум 6,4 фоизро ташкил дод, ки дар тӯли солҳои 2006-2008 ин нишондиҳанда аз 10,0 фоиз баланд буд.

Дар соли 2009 даромадҳои буҷети давлатӣ (ҳаҷми умумӣ) 5951,8 миллион сомонӣ ва хароҷот бошад – 5687,3 миллион сомониро ташкил дод. Буҷети давлатӣ (ҳаҷми умумӣ) аз соли 2005 то соли 2009 барзиёд иҷро гардид. Дар соли 2009 ҳаҷми умумии буҷети давлатӣ 28,9 фоизи ММД-ро ташкил намуд, аз ҷумла даромади буҷет аз ҳисоби воридоти андозӣ ва ғайриандозӣ 18,7 фоизи ММД буд.

Яке аз муҳимтарин мақсадҳои Ҳукумат - ҷорӣ намудани банақшагирии миёнамӯҳлати буҷети давлатӣ мебошад.

Афзоиши қарзи хориҷӣ (берунӣ) сатҳи хавфи аз даст додани суботи макроиқтисодиро баланд мекунад. Қарзи хусусии кафолатдоданашуда дар давоми ду сол 3,25 маротиба афзуд: аз 298,8 миллион доллари ШМА дар 1 январи соли 2006 то 969,9 миллион доллари ШМА дар 1 январи соли 2008 ва баъдан то 898,7 миллион доллари ШМА дар 1 январи соли 2009 кам гардид, ки аз он қарзи асосӣ 98 фоизро ташкил медиҳад. Қарзи беруна дар соли 2008 1371,44 миллион доллари ШМА-ро ташкил медиҳад. Ҳамин тариқ, ба ҳолати 1

январи соли 2009 қарзи умумӣ (қарзи ғайридавлатии кафолатдоданашуда ва беруна) 2270,14 миллион доллари ШМА-ро ташкил дод, ки ба 45,0 фоизи ММД баробар мебошад.

Иқтидори рушди иқтисодиро беҳтар аз ҳама афзоиши сармоягузориҳо инъикос менамояд. Дар се соли охир барои ташаккули фондҳои асосӣ зиёда аз 15 фоизи ММД сарф гардид. Рушди саноатӣ якхела набуд. Соҳаҳои анъанавии иқтисод, ки то соли 1991 бартарият доштанд, заминаро аз даст доданд, хусусан саноати сабук. Металлургияи ранга ҳиссаи худро қариб 5 маротиба зиёд намуд, рушди устувор дар истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ ва маҳсулоти саноати ордбарорӣ ба мушоҳида расид. Бахши энергетикӣ ҳиссаи худро 1,5 маротиба зиёд намуд.

Истеҳсоли молҳои истеъмолӣ кам гардид. Сатҳи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ чандон баланд нест. Тамоюли возеҳи гузариш аз истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ ба коркарди аввалияи захираҳои табиии худии кишвар ё ашёи хоми воридотӣ зоҳир мегардад. Барои Тоҷикистон, ки канданиҳои фоиданок ва захираҳои бойи табиӣ дорад, стратегияи самарабахши рушди иқтисодӣ зарур аст.

Барои ҳалли ин мушкилот Ҳукумат тадбирҳои мушаххас меандешад. Як қатор ҳуҷҷатҳои барномавии рушди саноат ва соҳаҳои коркард қабул карда шудаанд, муҳити соҳибкорӣ беҳтар мегардад ва сармоягузориҳо ҳарчи бештар ҷалб карда мешаванд.

## 3. Бозори меҳнат

### § 1. Фаъолнокии иқтисодии аҳолӣ

Сарфи назар аз болоравии мушоҳидашавандаи нишондиҳандаҳои иқтисодӣ аз соли 2005 инҷониб сатҳи фаъолнокии иқтисодии аҳолии қобили меҳнат паст шуда, дар соли 2009 50,2 фоизро ташкил дод (Ҷадвали 2). Сатҳи фаъолнокии иқтисодии занон хеле паст боқӣ мемонад. Сатҳи фаъолнокии иқтисодии мардон нисбат ба занон 2 маротиба баландтар аст.

***Ҷадвали 2***

Нишондиҳандаҳои қувваи корӣ

| Нишондиҳандаҳо | с.2005 | с.2006 | с.2007 | с.2008 | с.2009 |
|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи аҳолии синни қобили меҳнат, ҳазор нафар | 3 984,4 | 4 121,3 | 4 254,0 | 4 373,2 | 4 509,9 |
| Шумораи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол (қувваи корӣ), ҳаз. | 2 154,0 | 2 185,0 | 2 202,0 | 2 217,0 | 2 264,0 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| нафар | | | | | |
| Сатҳи фаъолнокии иқтисодӣ, бо %* | 54,1 | 53,0 | 52,0 | 50,6 | 50,2 |

* шумораи қиёсии аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол нисбати аҳолии синни қобили меҳнат
Манбаъ: Маълумоти омори расмӣ

Тибқи маълумоти Тадқиқоти қувваи кории соли 2009 (ТҚК-и соли 2009) шумораи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол (аз ҷумла муҳоҷирони меҳнатӣ) дар муқоиса бо соли 2004 1,2 фоиз кам гардида, 2617,6 ҳазор нафарро ташкил дод. Ҳамзамон, миқдори қиёсии шумораи аҳолии синни 15-75-сола аз 66,5 то 55,0 фоиз паст гардид.

Паст гардидани сатҳи фаъолнокии иқтисодии аҳолӣ дар ҳама минтақаҳои Тоҷикистон, аз рӯи ҳама синну сол, ҳам дар байни мардон ва ҳам дар байни занон ба мушоҳида мерасад. Дар маҷмӯъ, шумораи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъоле, ки дар шаҳрҳо зиндагӣ мекунад, дар соли 2009 дар муқоиса бо соли 2004 3,9 банди фоизӣ паст гардид ва дар соли 2009 51,2 фоизро ташкил дод, дар деҳот – 13,7 банди фоизӣ паст гардида, 57,3 фоизро ташкил дод, дар байни мардон – 5,6 банди фоизӣ паст гардида, 72,2 фоиз, дар байни занон – 16,4 банди фоизӣ паст гардида, 39,1 фоизро ташкил дод.

Тибқи дурнамо, то соли 2020 бозори меҳнат аз ҳисоби афзоиши табиии аҳолии қобили меҳнат ва шумораи аҳолии синни қобили меҳнат 1,3 миллион нафар зиёд мешавад. Вале, интизор меравад, ки коэффитсиенти таваллуд тадриҷан паст мегардад ва шумораи кӯдакон ва ҳиссаи онҳо дар сохтори аҳолӣ кам мешавад, ҳиссаи шахсони синни аз 65 калонтар зиёд мегардад.

Маълумоти охирини омори расмӣ нишон медиҳад, ки шумораи аҳолӣ дар охири соли 2009 ба 7,53 миллион нафар расидааст. Аз соли 1998 шумораи аҳолӣ ҳамасола 2,1 фоиз бемайлон афзиш меёфт, ки дар сурати идома ёфтани чунин тамоюл, шумораи тахминшудаи аҳолӣ то соли 2020 зиёда аз 9,65 миллион нафарро ташкил хоҳад дод (Ҷадвали 3).

***Ҷадвали 3***

Шумораи қиёсии аҳолии қобили меҳнат дар давраи ҳисоботӣ ва дурнамоҳо барои соли 2020 (бо фоиз)

| Нишондиҳандаҳо | с. 2005 | с. 2006 | с. 2007 | с. 2008 | с. 2009 | с. 2020 | Шумораи аҳолӣ дар соли 2020 дар муқоиса бо соли 2009, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ аҳолӣ, дар охири сол | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | +28,1 |
| Аз ҷумла: | | | | | | | |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| аз синни қобили меҳнат хурдтар (0-14) | 37,1 | 36,4 | 35,9 | 35,6 | 35,0 | 33,6 | +23,0 |
| қобили меҳнат | 57,6 | 58,4 | 58,9 | 59,3 | 59,9 | 60,3 | +28,5 |
| аз синни қобили меҳнат калонтар | 5,3 | 5,2 | 5,2 | 5,1 | 5,1 | 6,1 | +59,7 |

Манбаъ: Маълумоти омори расмӣ ва маълумоти дурнамо

То соли 2020 бозори меҳнат аз ҳисоби афзудани пешниҳоди қувваи корӣ ба андозаи сеяк васеъ мегардад. Талабот нисбати ин қувваи корӣ чӣ гуна хоҳад буд, аз сиёсати иқтисодӣ ва иҷтимоию меҳнатии давлат вобаста мебошад.

## § 2. Шуғли аҳолӣ

Дар Тоҷикистон, сарфи назар аз рушди хуби иқтисодӣ дар солҳои охир, шумораи кормандони дар иқтисод машғулбуда начандон афзоиш меёбад ва мутаасифона, аз соли 2007 инҷониб, сатҳи шуғли аҳолии қобили меҳнат мунтазам паст шуда истодааст (Ҷадвали 4). Шумораи кормандон дар саноат, дар соҳаи маориф, фарҳанг, санъат ва илм кам гардида, дар айни ҳол дар соҳаи нақлиёт ва алоқа тамоюли рушди иқтисодӣ ба мушоҳида мерасад.

***Ҷадвали 4***

Нишондиҳандаҳои асосии шуғл

| Нишондиҳандаҳо | с.2005 | с.2006 | с.2007 | с.2008 | с.2009 |
|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи кормандони дар иқтисод машғулбуда (ҳаз. нафар) | 2 112 | 2 137 | 2 150 | 2 168 | 2 219 |
| Сатҳи шуғлнокии аҳолии қобили меҳнат, (%)* | 53,0 | 51,9 | 50,5 | 49,6 | 49,2 |

* миқдори қиёсии машғулбудагон аз шумораи аҳолии синни қобили меҳнат
Манбаъ: Маълумоти омори расмӣ

Воқеияти ҷумҳурӣ вуҷуд доштани бозори меҳнати "сеҷузъа" мебошад, ки аслан онро бо ҳиссаҳои баробар шуғли расмӣ, шуғли ғайрирасмӣ ва муҳоҷирати меҳнатӣ, ки аксаран дар ҷойи бо кор таъминшавӣ ба қайд гирифта намешавад, ташаккул медиҳанд. Бинобар ин, мушкилоти ҳифзи иҷтимоии шахсони ба муносибатҳои меҳнатӣ дар бахши ғайрирасмии иқтисодиёт воридшаванда ва муҳоҷирони меҳнатӣ ба миён меояд.[1]

Бозори меҳнати "сеҷузъа" ба сатҳи шуғл таъсири зиёд мерасонад, ки он дар тӯли панҷ сол қариб 4 фоиз паст шудааст. Сатҳи фарққунандаи шуғл дар минтақаҳои алоҳидаи ҷумҳурӣ ба мушоҳида мерасад. Асоси фарқиятҳои мазкур дар сатҳи шуғл рушди заиф ва нобаробари соҳаҳои иқтисод мебошад.

[1] Стратегияи миллии рушди Љумњурии Тољикистон барои давраи то соли 2015

Бинобар ин, амалӣ намудани тадбирҳои ҷиддӣ зарур мебошад, то ки вазъи бамиёномада тағйир дода шуда, сатҳи шуғл тадриҷан баланд бардошта шавад.

Сарфи назар аз он, ки соҳаҳои дар онҳо одатан занон фаъолиятдошта соҳаҳои савдо ва хӯроки умумӣ, тандурустӣ ва таъминоти иҷтимоӣ тараққӣ меёбанд, сатҳи шуғли занон хеле паст боқӣ мемонад ва аз рӯи маълумоти ТҚК-и соли 2009 33,9 фоизро ташкил намуда, (мардон - 45 фоиз), ин нишондод дар тӯли панҷ соли охир қариб тағйир намеёбад.

Дар ҷумҳурӣ миқдори соатҳои воқеии корӣ дар ҳафта нишондиҳандаи баланд дорад. Шумораи кормандоне, ки дар вақти кории нопурра ё ин ки дар ним баст кор мекунанд, нисбатан камтар аст.

Мушкилоти шуғли ба қайд гирифтанашуда ва шуғл дар бахши ғайрирасмии иқтисод ҳал нагардидааст. Аксар вақт корфармо бо коргарон шартномаҳои меҳнатии хаттӣ намебандад.

Тибқи маълумоти ТҚК-и соли 2009, бе дарназардошти соҳаи кишоварзӣ, дар бахши ғайрирасмӣ 49 фоизи (428,6 ҳазор нафар) кормандон машғули кор буданд. Бо дарназардошти шуғли ғайрирасмӣ дар бахши расмӣ – бе бастани шартномаи меҳнатии хаттӣ, бе пардохҳои иҷтимоӣ, шуғли ғайрирасмӣ 53,8 фоизро (470,6 ҳазор нафар) ташкил менамояд. Бо дарназардошти соҳаи кишоварзӣ ин нишондод хеле зиёд мегардад.

Зиёда аз 77 фоизи аҳолии дар бахши ғайрирасмӣ машғули кор буда дар заминаи фаъолияти инфиродӣ амал мекунанд. Агар соҳаи кишоварзиро ба инобат нагирем, асосан шуғли ғайрирасмӣ дар соҳаи савдо (95,3 фоизи машғулини ин намуди фаъолият), дар сохтмон (91,2), дар меҳмонхонаю тарабхонаҳо (81), дар ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ (69,1) ва дар байни ҷавонони синни 15-29 сола (68,1 фоиз) ба назар мерасад.

Имкониятҳои гирифтани баъзе маблағҳои пулӣ бе пардохти андозҳо ва истифодаи онҳо барои пардохти музди меҳнат вуҷуд доранд: ҳангоми харидории молҳо ва хизматрасонӣ мошинаҳои хазинавии дорои хотираи фискалӣ дар нақлиёти ҷамъиятӣ чиптаҳо истифода намешаванд ва ғайра. Чунин маблағҳоро барои пардохти музди меҳнати кормандон бе бастани шартномаи меҳнатӣ дар шакли хаттӣ ё бо бастани шартномаи меҳнатӣ дар шакли хаттӣ истифода мекунанд ва музди меҳнатеро мепардозанд, ки андозҳо (андоз аз даромад) ва пардохтҳои суғуртаи иҷтимоӣ (андози иҷтимоӣ), як навъ музди меҳнат дар дохили «лифофа», инчунин пардохтҳо ба худиштиғолон ва ҳаққи хизмат (гонорарҳо)-ро дар ҳаҷми пурра намепардозанд.

## § 3. Бекорӣ

Дар Тоҷикистон сол аз сол шумораи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол меафзояд (Ҷадвали 2), лекин тағйироти мазкур ба сатҳи бекории ба қайд гирифташуда таъсир намерасонад. Дар айни ҳол шумораи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол чандон зиёд набуда ва қариб 50%-и шумораи аҳолии синни қобили меҳнатро ташкил медиҳад. Сатҳи бекории ба қайд гирифташуда дар панҷ соли охир қариб бетағйир мемонад – дар сатҳи 2 фоиз (Ҷадвали 5).

*Ҷадвали 5*

Нишондиҳандаҳои асосии бекорӣ

| Нишондиҳандаҳо | с.2005 | с.2006 | с.2007 | с.2008 | с.2009 |
|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи корҷӯён (ҳаз. нафар) | 58,3 | 55,7 | 60,5 | 53,3 | 59,9 |
| Сатҳи умумии бекорӣ (%), аз рӯи методикаи ТБМ* | - | - | - | - | 11,5 |
| Шумораи бекорони ба қайд гирифташуда (ҳаз. нафар) | 43,649 | 46,547 | 51,742 | 43,623 | 44,492 |
| Сатҳи бекории ба қайд гирифташуда (%)** | 2,0 | 2,2 | 2,3 | 2,2 | 2,0 |

* - тибқи маълумоти ТҚК.

** Шумораи қиёсии бекорони ба қайд гирифташуда нисбати шумораи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол

Манбаъ: маълумоти омори расмӣ

Шумораи зиёди бекороне, ки наметавонанд дар тӯли 1 сол кор пайдо кунанд, боқӣ мемонад.

Шумораи занони бекор дар панҷ соли охир нисбат ба мардон зиёд гардид – қариб 54 фоизи бекорони ба қайд гирифташударо занон ташкил медиҳанд.

Шумораи қиёсии бекорон дар байни ҷавонон нисбат ба аҳолии синни миёнаю солхӯрда зиёдтар аст. Дар байни бекорон шумораи қиёсии ҷавонони синни 15-24-сола 70 фоизро (дар соли 2009) ташкил дода, дар панҷ соли охир бекорӣ дар байни ҷавонон афзуда истодааст.

Имконияти пайдо кардани кор аз сатҳи таҳсилот (маълумот) вобастагӣ дорад. Бекорони дорои таҳсилоти олӣ 5,5 фоизи шумораи умумии бекоронро ташкил медиҳанд. Шумораи аз ҳама баландтарин қиёсии бекорон дар байни онҳое ба мушоҳида мерасад, ки таҳсилоти нопурраи миёна доранд.

Тамоюли ба худ хос ҳангоми таҳлили давомнокии ҷустуҷӯи кор ба мушоҳида мерасад. Бекороне, ки сатҳи пасти таҳсилот (маълумот) доранд, зудтар кор пайдо мекунанд, онҳое, ки маълумоти миёнаи махсус (7,7 моҳ) ва ибтидои касбӣ (8,4 моҳ) доранд, дар ҷустуҷӯи кор вақти бисёртар сарф мекунанд. Аз рӯи маълумоти ТҚК-и соли 2009 давомнокии ҷустуҷӯи кор барои шахсони маълумоти олӣ дошта 6,9 моҳ ва дар байни бекорони маълумоти ибтидоӣ дошта 6,2 моҳро ташкил менамояд.

Сатҳи бекории ба қайд гирифташуда нисбат ба сатҳи умумии бекорие, ки тибқи дастурҳои ТБМ муайян карда шудааст, 5,5 маротиба пасттар буда, ва ин якчанд сабабҳо дорад:

- на ҳамаи бекорон ба гирифтани кӯмакпулӣ барои бекорӣ ҳуқуқ доранд, чунки маблағҳои суғуртаи иҷтимоиро пардохт накардаанд;
- баъзеҳо наметавонанд ё ки намехоҳанд тахассусашонро тағйир диҳанд, чунки дар таҳсилоти миёна камбудӣ доранд (ҳисоб карда наметавонанд, хонда ё навишта наметавонанд), ё ки мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ имконият надорад барномаҳои зарурии тағйири тахассусро бинобар набудани маблағ пешниҳод кунад (қарори Ҳукумати ҶТ аз 27.04.2015 № 238);
- баъзеҳо наметавонанд ӯҳдадории бекорро иҷро кунанд ва бинобар ин, дар қайди мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ намеистанд. Баъзеҳо умуман аз вуҷуд доштани мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ ва хизматрасониҳои пешниҳодшаванда хабардор нестанд, дигарон бошанд ба мусоидату кӯмаки Агентӣ умедвор нестанд (қарори Ҳукумати ҶТ аз 27.04.2015 № 238).

Дар соли 2009 шумораи бекорон як андоза афзуда бошад ҳам, вале сохтори бекорон аслан тағйир намеёбад. Шумораи ҷавонону занони бекор каме афзуд. Дар охири соли 2009 шумораи шахсони бекори синни то нафақа нисбат ба соли гузашта 2,8 маротиба афзудааст.

Фарқияти шумораи бекорон дар байни минтақаҳо боқӣ мемонад. Сатҳи аз ҳама баландтарини бекорӣ (аз рӯи маълумоти ТҚК-и соли 2009) дар шаҳри Душанбе (19,1 фоиз) ва вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (16,8 фоиз) ба мушоҳида мерасад.

## § 4. Ѓайрифаъолнокии иқтисодии аҳолӣ

Паст гардидани сатҳи фаъолнокии иқтисодӣ ва шуғли аҳолӣ ба афзоиши шумораи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ ғайрифаъол таъсир расонид. Аз соли 2004 то соли 2009 шумораи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ ғайрифаъоли синни 15-75 сола 1,6 маротиба афзуда, тибқи маълумоти ТҚК-и соли 2009 2089,7 ҳазор нафарро ташкил дод. Сатҳи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ ғайрифаъол аз 33,5 то 44,4 фоиз баланд гардид. Дар шаҳрҳо шумораи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ ғайрифаъол 26,4 фоиз афзуда, ва 628,2 ҳазор нафар (48,8 фоиз)-ро ташкил дод, дар деҳот – 1,8 маротиба афзуда 1461,6 ҳазор нафар (42,7 фоиз)-ро ташкил дод. Аз ҷумлаи онҳо аҳолии синни қобили меҳнат 83 фоизро ташкил медиҳад.

Сатҳи занони аз ҷиҳати иқтисодӣ ғайрифаъол нисбат ба мардон 2,2 маротиба баланд буда 60,9 фоиз ё 1437,5 ҳазор нафарро ташкил медиҳад, мардон – 27,8 фоиз ё 652,2 ҳазор нафар.

Аз ҷумлаи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ ғайрифаъол қариб 72 фоизашон бо сабабҳои гуногун кор кардан намехоҳанд. Инҳо донишҷӯён (20,4 фоиз), нафақахӯрон (16,6 фоиз) ва онҳое, ки бо пешбурди хоҷагии оилавӣ машғуланд (33,6 фоиз), мебошанд. Зиёда аз 28%-и аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ ғайрифаъол

изҳори кор кардан намуданд, вале дар ҷустуҷӯи кор ҳеҷ гуна чорае наандешиданд ва бинобар ин, аз рӯи методологияи ТБМ ба гурӯҳи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ ғайрифаъол мансубанд.

Сабабҳои машғули кор набудани аҳолӣ аз рӯи нишонаҳои гендерӣ фарқ мекунанд. Сабабҳои асосии машғули кор набудани занон нигоҳубини хона (пешбурди хоҷагии оилавӣ) мебошад, ки ин тақрибан 47,5 фоизи занони машғули кор набудаи синни 15-75-сола ва 13,8 фоизи занони таҳсилкунандаро дар бар мегирад. Дар байни мардон чунин табақаи аҳолии ғайрифаъол мутобиқан 3,5 ва 34,7 фоизро ташкил медиҳанд.

Шахсони бо сабаби вазъи саломатӣ ба кор машғулнабуда 3,8 фоизи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ ғайрифаъолро ташкил медиҳанд, дар байни мардон - 6,2 фоиз, дар байни занон – 2,6 фоиз.

Ҳиссаи аз ҳама баландтарини аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ ғайрифаъол дар шаҳри Душанбе буда, 50 фоизи шумораи аҳолии синни 15-75-сола ё 234,1 ҳазор нафарро ташкил медиҳад. Дар дигар минтақаҳо он рақамҳои зеринро ташкил медиҳад: дар ВМКБ – 47.7 фоиз (73,9 ҳазор нафар), дар вилояти Суғд – 43,6 фоиз (627,8 ҳазор нафар), дар вилояти Хатлон – 42,1 фоиз (677,7 ҳазор нафар), дар НТҶ – 46 фоиз (476,1 ҳазор нафар).

## § 5. Муҳоҷирати меҳнатӣ

Муҳоҷирати меҳнатӣ ду самти асосӣ дорад: дохилӣ (асосан муҳоҷирати мокувор – сафарҳои ҳаррӯза аз деҳот ба шаҳр) ва берунӣ (дар ҷустуҷӯи кор ба хориҷа сафар кардан).

Душанбе, ҳамчун шаҳри аз ҳама бузург ва пойтахти Тоҷикистон аҳолиро аз дигар ноҳияҳои наздики тобеи ҷумҳурӣ ва вилояти Хатлон ба худ ҷалб менамояд. Шумораи муҳоҷирони мокувор, ки ҳар рӯз барои кор меоянд, тибқи маълумотҳои ТҚК-и соли 2009 46,8 ҳазор нафарро ташкил медиҳад. Аз Душанбе ба дигар ноҳияҳо ҳар рӯз 4,2 ҳазор нафар барои кор мераванд. Бо дарназардошти ин, шумораи ба кор машғулбудагони шаҳри Душанбе метавонад ба 21,9 фоиз баландтар бошад.

Муҳоҷирати мокувор, ҳамчун самти шуғл то андозае масъалаи воридшавии қувваи кориро аз нуқтаҳои аҳолинишини деҳоти "бо кор таъминбуда", ки дар он ҷо шумораи захираҳои меҳнатии худӣ бо ҷойҳои корӣ таъмин нест, ба шаҳр ва ноҳияҳо ҳал мекунад. Дар маҷмӯъ ҳаҷми муҳоҷирати мокувор дар соли 2009 дар муқоиса бо соли 2004 қариб 40 фоиз афзуд ва теъдоди 200,9 ҳазор нафарро ташкил дод (10,8 фоизи аҳолии машғули кор буда). Дар ҳайати онҳо 82,4 фоиз (165,6 ҳазор нафар) сокинони деҳот мебошанд. Зиёда аз 40 фоиз (81,3 ҳазор нафар) муҳоҷирони мокувор дар ҳудуди ноҳия ба кор мераванд (асосан аз деҳот ба шаҳр), зиёда аз 30 фоиз (62,9 ҳазор нафар) ба ноҳияҳои наздик дар доираи вилояти худ ва 28 фоиз (56,7 ҳазор нафар) – ба вилоятҳои ҳамсоя.

Муҳоҷирати мокувор дар байни аҳолии НТҶ (15,2 фоизи аҳолии машғули кор) ва вилояти Хатлон (12,3 фоиз) паҳн гардидааст. Дар ВМКБ он 9,3 фоиз, дар вилояти Суғд – 8,5 фоизро ташкил медиҳад.

Дар маҷмўъ афзоиши ҳаракатнокии меҳнатии аҳолии синни 15-75-сола ба мушоҳида мерасад. Дар давраи аз соли 2004 то соли 2009 ҳаҷми муҳоҷирати мокувор 20,3 маротиба афзудааст. Агар дар соли 2004 86,9 ҳазор нафар ба муҳоҷирати мокувор ҷалб шуда бошанд, он гоҳ дар соли 2009 ин нишондиҳанда ба 200,9 ҳазор нафар расид. Зиёда аз 82 фоизи онҳоро мардон аз минтақаҳои деҳот ташкил медиҳанд.

Муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони ҷумҳурӣ ба давлатҳои ҳамсоя "барои фаъолияти меҳнатӣ" (дар оянда ММХ) дар давраи гузариш вусъати бештар пайдо кард ва ба андозаҳои зиёд мерасад. Тамоюли кам гардидани он дар ҳоли ҳозир ба мушоҳида намерасад.

Дар давраи аз соли 2004 то соли 2009 афзоиши зиёди ММХ, ҳам аз ҷиҳати ҷараён ва ҳам аз ҷиҳати ҳаҷм ба мушоҳида мерасад. Ҷараёни ММХ (тибқи маълумоти варақаҳои муҳоҷиратии собиқ Хадамоти муҳоҷирати Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар он ҷо ҳисоби дукарата истисно нест), ки дар давоми соли 2009 барои фаъолияти меҳнатӣ ба хориҷа сафар кардаанд, 697 ҳазор нафарро ташкил дод ва дар муқоиса бо соли 2004 зиёда аз 2 маротиба афзудааст. Миқдори ММХ тибқи маълумотҳои ТҚК-2004 (шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ дар лаҳзаи пурсиш) 317,9 ҳазор нафар ё 13 фоизи аҳолии машғули корро ташкил дод (8,0 фоизи аҳолии синни 15-75-сола). Тибқи маълумотҳои ТҚК-2009 шумораи онҳо 1,6 маротиба афзуд ва 519,9 ҳазор нафар ё 21,9 фоизи аҳолии машғули корро ташкил дод (11,0 фоизи аҳолии синни 15-75-сола).

Аз маҳаллаҳои шаҳрӣ 8,8 фоизи аҳолии синни 15-75-сола (113,9 ҳазор нафар, аз деҳот – 11,9 фоиз (409 ҳазор нафар) барои ба даст овардани маблағ ба хориҷ сафар мекунад.

Ҳиссаи аз ҳама баландтарини ММХ ба НТҶ – 15,1 фоизи аҳолии синни 15-75-сола (156,3 ҳазор нафар), аз ҳама камтарин – ба шаҳри Душанбе – 6,4 фоиз (29,9 ҳазор нафар) рост меояд. Аз ВМКБ 13,5 фоизи аҳолии синни 15-75-сола (21,0 ҳазор нафар), аз вилояти Суғд – 11,2 фоиз (160,7 ҳазор нафар), аз вилояти Хатлон – 9,5 фоиз (152,0 ҳазор нафар) дар ММХ буданд.

Ҷараёни асосии ММХ аз ҷумҳурӣ ба кишварҳои ИДМ равона шуда, аз онҳо 99,3 фоиз (ТҚК-и соли 2009) ба Федератсияи Россия сафар мекунанд. Бо дигар кишварҳои ИДМ мубодилаи муҳоҷиратӣ ночиз аст.

Сабабҳои афзоиши ММХ аз Тоҷикистон чунинанд:

- вуҷуд надоштани миқдори кофии ҷойҳои корӣ. Миқдори ҷойҳои кории ишғолнагардида (холӣ) тибқи маълумоти Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷирати Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар охири соли
- 2009 дар муқоиса бо ҳамин давраи соли 2004 қариб 2 маротиба камтар шуда, 11,2 ҳазор ҷойҳои кориро ташкил дод, ки эҳтиёҷоти қувваи кориро қонеъ намегардонад. Коэффитсиенти шиддат дар бозори меҳнат тибқи маълумотҳои ТҚК-и соли 2009 дар муқоиса бо соли 2004 ду

маротиба афзудааст ва 17 нафар ба 1 ҷойи холиро ташкил дод (дар соли 2004 он 9 нафарро ташкил медод). Вазъияти аз ҳама шиддатноктар дар бозори меҳнати вилоятҳои Суғд ва Хатлон ба миён омадааст, ки дар он ҷо коэффитсиенти шиддат мутобиқан 25 ва 20 нафар ба 1 ҷойи холиро ташкил медиҳад;

- музди меҳнати паст дар ҷумҳурӣ. Сарфи назар аз ҳамасола ба ҳисоби миёна афзудани музди меҳнат, андозаи он паст боқӣ мемонад, он дар соли 2009 284,35 сомонӣ ё 68,6 доллари ШМА-ро дар як моҳ ташкил дод (соли 2004 он 61,81 сомонӣ ё 20,80 доллари ШМА-ро дар як моҳ ташкил медод);
- бӯҳрони молиявии ҷаҳонӣ ва пастравии истеҳсолот дар бахшҳои кишоварзӣ ва истеҳсолии ҷумҳурӣ ба кам гардидани шуғл ва афзудани бекорӣ оварда расонид. Дар давраи аз соли 2004 то соли 2008 тағйирот дар сохтори ММД ба мушоҳида мерасад – ҳиссаи истеҳсоли молҳо кам гардида (аз ҳисоби паст шудани ҳаҷми истеҳсолоти саноатӣ), ҳиссаи хизматрасониҳои пешниҳодшаванда афзуд (аз ҳисоби нақлиёт, алоқа, савдо ва системаи бонкӣ). Дар ҳаҷми умумии ММД дар соли 2008 истеҳсоли молҳо 50,5 фоиз (маҳсулоти саноатӣ – 26,7 фоиз, кишоварзӣ – 19,2 фоиз, сохтмон – 4,3 фоиз), пешниҳоди хизматрасонӣ – 43,7 фоиз афзуд.

Дар ММХ асосан ҷавонмардон иштирок мекунанд. Дар байни муҳоҷирони меҳнатӣ мардон 94,5 фоиз (490,5 ҳазор нафар), занон 5,7 фоиз (29,4 ҳазор нафар), ҷавонони синни 15-29-сола – 56 фоизи (292,1 ҳазор нафар) тамоми муҳоҷирони меҳнатии беруниро ташкил медиҳанд. Шахсони синни миёна (30-49-сола) дар шумораи умумии муҳоҷирони меҳнатӣ 40,5 фоиз (210,8 ҳазор нафар)-ро ташкил медиҳанд. Синни миёнаи муҳоҷирони меҳнатӣ 30 солро ташкил медиҳад.

Дар маҷмӯъ, муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷа имкон медиҳад, ки шиддат дар бозори меҳнати дохилӣ хеле паст гардад.

## § 6. Музди меҳнат

Дар солҳои охир музди меҳнати миёнаи номиналии кормандони кироякори корхонаю муассисаҳо устуворона афзоиш меёбад. Дар солҳои 2006-2008 афзоиши музди меҳнати миёнаи моҳона 40 фоизро ташкил дод. Ҳамчунин андозаи музди меҳнати воқеӣ пардохтшуда (ба истисноИ андозҳо) меафзояд.

Музди меҳнати ҳадди ақали моҳона аз 1 июли соли 2010 ба андозаи 80 сомонӣ муайян карда шудааст (Ҷадвали 6). Музди меҳнати ҳадди ақал

дар сатҳи хеле паст боқӣ мемонад ва наметавонад кафолати пурраи иқтисодию иҷтимоии кормандро таъмин намояд.

***Ҷадвали 6***

Нишондиҳандаҳои асосии музди меҳнат

| Нишондиҳандаҳо | с.2005 | с.2006 | с.2007 | с.2008 | с.2009 |
|---|---|---|---|---|---|
| Музди меҳнати ҳадди ақал, сомонӣ<br>Барои пардохт, сомонӣ | 12,00<br>11,88 | 20,00<br>19,80 | 20,00<br>19,80 | 60,00<br>56,65 | 60,00<br>56,65 |
| Ҳадди ақали андозбандинашаванда, сомонӣ | 12,00 | 20,00 | 20,00 | 25,00 | 35,00* |
| Музди меҳнати миёнаи моҳона, сомонӣ<br>Барои пардохт, сомонӣ | 83,58<br>77,08 | 116,26<br>107,49 | 163,27<br>148,23 | 231,53<br>207,66 | 284,35<br>255,50 |

* - аз 1 июля 2009.

Манбаъ: Маълумоти расмии оморӣ, маълумоти ҳисобии Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Аз 1 октябри соли 2010 барои вазорату муассисаҳои таҷрибавӣ (20 фоизи хизматчиёни давлатӣ) музди меҳнати заминавӣ барои хизматчиёни давлатии мақомоти идора ва ҳокимияти давлатӣ муайян карда шуд, ки дар як моҳ 350 сомониро ташкил медиҳад ва 4,4 маротиба аз музди меҳнати ҳадди ақал дар иқтисодиёти Тоҷикистон зиёд мебошад.

Тибқи маълумотҳои оморӣ, дар соли 2008 6,3 фоизи кормандони кироя дар як моҳ музди меҳнати аз 60 сомонӣ камтар, 58,7 фоиз дар як моҳ ба андозаи аз 60 то 300 сомонӣ музди меҳнат гирифтаанд. Вале дар соли 2009 шумораи кормандони кирояе, ки ба андозаи аз 60 то 300 сомонӣ (63.2 фоиз) музди меҳнат мегирифтанд, қариб ба 4.5 банди фоизӣ зиёд гардид.

Вале, фарқият дар андозаи музди меҳнати миёна байни минтақаҳо боқӣ мемонад (дар соли 2009): дар Душанбе – 562 сомонӣ дар як моҳ, дар НТҶ – 273 сомонӣ, дар ВМКБ – 241 сомонӣ, дар вилояти Суғд – 212 сомонӣ ва дар вилояти Хатлон - 186 сомонӣ.

Музди меҳнати миёнаи моҳонаи аз ҳама баландтаринро дар соли 2009 кормандони соҳаи қарздиҳӣ ва суғуртаи давлатӣ мегирифтанд – 1229,42 сомонӣ. Дар соҳаи алоқа бошад – 771,47, хизматрасонии иттилоотию ҳисобкунӣ – 735,08 ва дар сохтмон – 657,56 сомонӣ мегирифтанд.

Тибқи маълумоти оморӣ, аз рӯи тақсимоти гендерӣ дар моҳи декабри соли 2008 музди меҳнати миёнаи моҳонаи занон 235,36 сомонӣ ё 61,3 фоизи музди меҳнати миёнаи моҳонаи мардон (383,83 сомонӣ)-ро ташкил медиҳад. Дар соли 2007 таносуби мазкур 56,7 фоиз буд. Ҳатто дар соҳаҳои тандурустӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва таъминоти иҷтимоӣ, ки дар онҳо 57 фоизи занон кор мекунанд, таносуби музди меҳнати миёнаи моҳонаи занон ва мардон 75 фоизро ташкил медиҳад.

Дар соли 2008 дар соҳаҳои савдо, хӯроки умумӣ, таъминоти моддию техникӣ ва фурӯш, маҳсулоттайёркунӣ ва хоҷагии манзилию коммуналӣ, намудҳои ғайриистеҳсолии хизматрасонии маишӣ музди меҳнати миёнаи занон аз музди меҳнати миёнаи мардон зиёдтар аст, вале начандон зиёд – ба андозаи 1,41 сомонӣ дар соҳаи савдо, хӯроки умумӣ ва дар соҳаҳои дигари истеҳсолоти

моддӣ – ба андозаи 31,95 сомонӣ, дар соҳаҳои ғайриистеҳсолӣ (хоҷагии мазилию коммуналӣ ва намудҳои ғайриистеҳсолии хизматрасонии маишии аҳолӣ) ба андозаи 12,6 сомонӣ дар як моҳ. Дар ин соҳаҳо танҳо 32 фоизи шумораи умумии кормандони ба тариқи кироя коркунандаро занон ташкил медиҳанд.

Яке аз сабабҳои нисбат ба мардон музди меҳнати пасттар гирифтани занон он аст, ки занон дар вазифаҳои каммузд кор мекунанд, сабаби дигараш – фикррониии кӯҳнашуда оид ба тақсимоти касбҳо аз рӯи мансубияти ҷинсӣ мебошад.

Дар масъалаи пардохти музди меҳнат қарздории мӯҳлаташ гузашта ба мушоҳида мерасад, ки то 1 январи соли 2009 22895 ҳазор сомониро ташкил медод ва дар муқоиса бо давраи пешин қариб тағйир наёфтааст (то 1 январи соли 2010-11089,6 ҳазор сомонӣ). Қарздории аз ҳама балантарин дар соҳаҳои кишоварзӣ, хоҷагии ҷангал ва моҳипарварӣ боқӣ мемонад – 14700,3 ҳазор сомонӣ ё 64,2 фоизи тамоми қарздорӣ. Қобили таваҷҷӯҳ аст, ки қарздорӣ дар соҳае вуҷуд дорад, ки музди меҳнати миёнаи камтарин дошта (70,93 сомонӣ дар як моҳ), дар он шумораи зиёдтари аҳолӣ машғули коранд (67 фоиз).

## § 7. Шароити меҳнат

Яке аз нишондиҳандаҳое, ки ҳолати ҳифзи меҳнат ва шароити меҳнатро дар корхонаҳо нишон медиҳад, омори ҳодисаҳои нохуш дар ҷойи кор ва бемориҳои касбӣ мебошад.

Дар давраи аз солҳои 2005 то 2008 83 ҳодисаи нохуш дар истеҳсолот бо оқибати марговар ва 363 ҳодисаи зарар дидан дар истеҳсолот ба қайд гирифта шудааст. Омори мазкур аз он гувоҳӣ медиҳад, ки корфармоён аз ҳодисаҳои воқеан рӯйдода хабар намедиҳанд ва онҳоро рӯйпӯш мекунанд ё аниқтараш қоидаҳои ҳифзи меҳнатро риоя намекунанд ва системаи ташкилнамудаи ҳифзи меҳнат амал намекунад. Бинобар ин, маълумотҳо оид ба ҳодисаҳои ҷароҳат бардоштан паст карда шудаанд.

Маълумотҳои оморӣ нишон медиҳанд, ки шумораи кормандоне, ки барои онҳо имтиёзҳо ва ҷубронҳо барои кор дар шароити зарарнок ва номусоиди меҳнат муқаррар карда шудаанд, нисбат ба кормандоне, ки дар шароити зараровари меҳнатӣ кор мекунанд, аз 2 то 6 маротиба зиёд аст ва ин аз он шаҳодат медиҳад, ки баҳисобгирӣ ва маълумотҳо нодурустанд.

Дар Тоҷикистон масъалаи истифодаи меҳнати кӯдакон вуҷуд дорад. Аз рӯи натиҷаи ТҚК-ҳо, дар давраи аз соли 2004 то соли 2009 шумораи кӯдаконе, ки дар синни 12-14-солагӣ ҳадди ақал ҳафтае 1 соат кор кардаанд, ба 33,3 фоиз афзуда, 179,6 ҳазор кӯдак (34,4 фоиз)-ро ташкил додааст, аз онҳо 52,1 ҳазор кӯдакон (10,0 фоиз) дар як ҳафта зиёда аз 20 соат кор кардаанд.

Асосан меҳнати кӯдакон дар истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ (98,0%), дар соҳаи савдо (0,9 фоиз), дар соҳаи саноати коркард (0,5 фоиз) ва дар сохтмон (0,5 фоиз) истифода бурда мешавад.

Дар деҳот, нисбат ба шаҳр меҳнати кӯдакон бештар истифода мегардад. Дар деҳот 12,6 фоизи кӯдакони синни 12-14-сола (49,5 ҳазор кӯдакон), дар шаҳрҳо – 2,1 фоиз (2,6 ҳазор кӯдакон) ҳафтае зиёда аз 20 соат кор кардаанд.

Дар деҳот кӯдакони синни 12-14-сола асосан ба сифати аъзои ёрирасони оила бидуни пардохт ба корҳои гуногун ҷалб карда мешаванд. Ин корҳои вобаста ба истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар хоҷагии ёрирасони шахсӣ мебошанд – 98,6 фоиз.

Дар маҳаллаҳои шаҳрӣ низ ҳиссаи кӯдакони ба савдо машғулбуда зиёд аст (48,1 фоиз).

Дар маҷмӯъ ба ҳама намудҳои меҳнати кӯдакона писарбачагон нисбат ба духтарон бештар ҷалб карда мешаванд – 12,0 фоизи писарбачагони синни 12-14-сола ва 8 фоизи духтарон дар ҳафтаи тадқиқшуда зиёда аз 20 соат кор кардаанд. Духтарон аксаран ба корҳои хонагӣ (тайёр кардани хӯрок, шустушӯй, рӯбучин ва ғайра) машғулбуда, аз рӯи методологияи ТБМ ҳамчун шахсони машғули кор муайян карда намешаванд.

Сол аз сол ҳаҷми шуғли ба қайд гирифтанашуда (ғайрирасмӣ) дар кишвар афзоиш меёбад, ки боиси ташвиши давлат аст. Ба миқдори кофӣ вуҷуд надоштани ҷойҳои корӣ, ё ҷойҳои кории дорои маоши паст боиси он мегардад, ки як қисми аҳолӣ истифодаи меҳнати худро дар бахши ғайрирасмӣ – дар фаъолияти соҳибкорӣ ва инфиродӣ дар корхонаҳои хурд ва дар корхонаҳои ба қайд гирифтанашуда пайдо мекунад. Тибқи маълумотҳои ТҚК-и соли 2009 дар бахши ғайрирасмӣ (бидуни ба ҳисоб гирифтани бахши кишоварзӣ) 49 фоизи аҳолии машғули кор (428,6 ҳазор нафар), дар бахши расмӣ – 51 фоиз (446,1 ҳазор нафар) кор мекарданд. Зиёда аз 77 фоизи аҳолии дар бахши ғайрирасмӣ машғулбуда ҳамчун шахси инфиродӣ кор мекунад.

Ба ғайр аз бахши ғайрирасмӣ як қисми аҳолӣ ғайрирасмӣ дар бахши расмӣ – бидуни шартномаи меҳнатии хаттӣ ё бидуни ҳуқуқ ба рухсатии меҳнатӣ ё рухсатӣ бо сабаби беморӣ, бидуни пардохтҳои иҷтимоӣ машғул аст. Инҳо 42,0 ҳазор нафар ё 9,4 фоизи шумораи онҳое, ки дар бахши расмӣ машғуланд. Дар маҷмӯъ шуғли ғайрирасмӣ дар ҷумҳурӣ 53,8 фоиз (470,6 ҳазор нафар, бе назардошти соҳаи кишоварзӣ)-ро ташкил медиҳад. Агар шуғлро дар соҳаи кишоварзӣ ба инобат гирем, нишондиҳандаи шуғли ғайрирасмӣ метавонад хеле зиёдтар бошад.

Барои дақиқ арзёбӣ намудани шуғли ғайрирасмӣ масъалаи мафҳум, яъне киро ба шуғли ғайрирасмӣ машғулбуда ҳисобидан ҳалнагардида боқӣ мондааст.

## § 8. Аз ҷиҳати иҷтимоӣ дар канор будан

Дар ҷомеа нобаробарии даромадҳо ва тамоюли ба табақаҳо ҷудошавии он афзоиш меёбад. Дар соли 2009 дар муқоиса бо соли 2008 тафриқаи байни аҳолии доро ва аҳолии камбизоаттарин мутобиқан аз 11 маротиба дар соли 2008 то 14,8 маротиба дар соли 2009 афзуд.

Масъалаи камбизоатӣ ташвишовар аст, зеро нисфи шумораи умумии коргарони дар бозори меҳнати дохилӣ машғули кор буда ба табақаҳои

камбизоат мансубанд. Коргарони кироя ва худиштиғол дар бахши кишоварзӣ дар муқоиса бо нишондиҳандаи миёна дар кишвар бо хавфи бештари камбизоатӣ рӯ ба рӯ мебошанд – мувофиқан 58,3 фоиз ва 52,7 фоиз.[2] Бинобар ин, сол аз сол ҳиссаи даромадҳои меҳнатӣ (аз меҳнати кироя) дар сохтори даромадҳои оилаҳо камтар мегардад ва даромадҳо ба буҷет аз андозҳои меҳнатӣ коҳиш меёбанд. Аз камбизоатӣ оилаҳое раҳо меёбанд, ки наздикони худро барои кор ба хориҷи кишвар мефиристанд.

Бинобар ин, барои баланд бардоштани сатҳи ҷолибияти шуғл дар дохили кишвар андешидани тадбирҳои муайян зарур мебошад.

Қисми зиёди аҳолии синни қобили меҳнат – аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ ғайрифаъол (48 фоиз) буда, зиёда аз 50 фоизашонро заноне ташкил медиҳанд, ки ба корҳои хоҷагии оилавӣ машғуланд. Дар Тоҷикистон қариб 1,1 миллион занҳои хонашин ҳаст, ки ба гурӯҳи синнусолии 25-54-сола мансубанд. Аз ҳама гурӯҳҳои синнусолӣ нишондиҳандаи баландтари иштирок надоштан дар бозори меҳнат дар байни ҷавонони қобили меҳнати синни 15-24-сола ба мушоҳида мерасад. Ин нишондиҳанда ба қадри баланд будани сатҳи таҳсилот (маълумот) дар байни ҳама гурӯҳҳои синнусолӣ паст мегардад.[3] Сол аз сол шумораи заноне, ки дар асоси кироя кор мекунанд, камтар мегардад ва дар давраи аз соли 2005 то соли 2008 шумораи онҳо 15 фоиз кам шудааст.

Барои фаъолтар намудани нақши занон дар ҷомеа Ҳукумат 29 майи соли 2010 қарори №269 "Дар бораи стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020"-ро қабул намуд, ки дар он амалҳо барои фаъолгардонии шуғли занон ва нақши онҳо дар бозори меҳнат, дастгирии рушди соҳибкории занон, баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии занон ва ғайра пешбинӣ гардидаанд.

Гурӯҳи дигари аҳолӣ, ки одатан аз ҷиҳати иҷтимоӣ дар канормонда мебошад – маъюбонанд. Шумораи умумии онҳое, ки нафақаи маъюбӣ мегиранд, ҳамасола 3-4 ҳазор нафар меафзояд. Аз шумораи шахсоне, ки бори аввал маъюб дониста шудаанд, қариб 90 фоизашон синни қобили меҳнат мебошанд.

Дар соли 2009 аз шумораи умумии шахсоне, ки маъюб дониста шудаанд, 2544 нафарашон – маъюб аз кӯдакӣ мебошанд (соли 2008 – 2958 нафар маъюб аз кӯдакӣ).

Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ" давлат ба шаҳрвандоне, ки ба ҳифзи иҷтимоӣ эҳтиёҷ доранд ва дар ҷустуҷӯи кор мушкилӣ мекашанд ва қодир нестанд дар баробари дигарон дар бозори меҳнат рақобат кунанд, бо роҳи муқаррар кардани квотаҳои ҷойҳои корӣ кафолатҳои иловагиро таъмин менамояд.

Квота – ин ҳиссаи (қисми) ҷойҳои кории мебошад, ки дар корхонаю муассисаҳо ва ташкилотҳо сарфи назар аз шакли моликият ва хоҷагидорӣ барои бо кор таъмин намудани гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ, хусусан аҳолии ба ҳифзи иҷтимоӣ эҳтиёҷдошта пешниҳод карда мешавад. Квота дар ҳаҷми 5 фоизи

---

[2] Арзёбии нишондодњои камбизоатии Љумњурии Тољикистон, Бонки љањонї, њисоботи №51341-TJ, сањ. 7.
[3] Арзёбии нишондодњои камбизоатии Љумњурии Тољикистон, Бонки љањонї, њисоботи №51341-TJ, сањ. 45.

шумораи воҳидҳои штатӣ муқаррар карда мешавад (агар шумораи воҳидҳои штатӣ на камтар аз 20 воҳид бошад).

Дар соли 2009 дар маҷмӯъ 1366 ҷойҳои кории квоташаванда муқаррар карда шудаанд, ки аксарияти онҳоро занон (69 фоиз), собиқ маҳбусон (17) ва маъюбон (14) ишғол мекунанд. Ба дигар табақаҳои аҳолӣ ҷойҳои кории квоташаванда пешниҳод карда нашудаанд.

Квотакунии ҷойҳои корӣ чораи маъмурӣ мебошад ва корфармоён ихтиёран манфиатдор нестанд чунин ҷойҳои кориро таъсис диҳанд, ки ба ин шумораи ками чунин ҷойҳои корӣ гувоҳӣ медиҳад. Бинобар ин, корфармоёнро ба ин кор ташвиқ кардан - дастгирӣ намудан дар таъсиси ҷойҳои корӣ, ҷуброн намудани музди меҳнат ё қисми музди меҳнат, пардохтани суғуртаи иҷтимоӣ, паст кардани ҳаҷми андозҳо, зарур аст.

Дар кишвар муайян намудани тоифаи шахсони аз ҷиҳати иҷтимоӣ дар бозори меҳнат дар канормонда ва барои онҳо таҳия намудани тадбирҳои ҷалби иҷтимоӣ зарур аст.

## § 9. Шарикии иҷтимоӣ

Дар давлатҳои демократӣ шакли умуми эътирофгардидаи ҳамкорӣ шарикии иҷтимоӣ байни корфармоён, иттифоқҳои касаба ва муассисаҳои давлатӣ мебошад, ки имкон медиҳад манфиатҳои табақаҳои гуногуни ҷомеа оид ба масъалаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мувофиқа карда шаванд ва субот дар кишвар таъмин гардад. Дар

шарикии иҷтимоии дуҷониба корфармоён ва иттифоқҳои касаба иштирок мекунанд, вале ба шарикии иҷтимоии сеҷониба идораҳои давлатӣ ҳамроҳ мешаванд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шарикии иҷтимоӣ дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи шарикии иҷтимоӣ, созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ" ташкил карда шуда, таъсиси комиссияҳои сеҷониба ва дуҷонибаро дар сатҳҳои гуногун – ҷумҳуриявӣ, соҳавӣ, минтақавӣ пешбинӣ гардидааст. Ташкилотҳо ва гурӯҳҳои молиявию саноатӣ, ки музокироти коллективӣ анҷом медиҳанд, созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ таҳия ва ба имзо расонида, ҷараёни иҷрои онҳоро оид ба батанзимдарории муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ баррасӣ менамоянд.

Ҳукумат ва Шарикони иҷтимоӣ баъзан, инчунин дар соли 2009 "Созишномаи генералӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Иттиҳодияи корфармоёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон барои солҳои 2009-2011"-ро ба имзо расониданд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон конвенсияҳои асосии ТБМ-ро ба тасвиб расонидааст, аз ҷумла Конвенсияҳои №87 ва №98, ки тибқи санадҳои дахлдори қонунгузорӣ иҷро карда мешаванд, то ин ки унсурҳои зерини муҳим ва ҷудонопазири автономияи меҳнат кафолат дода шаванд:

- озодии муттаҳидшавӣ (ҳуқуқ ба ҳамроҳшавии озодона ба

ташкилотҳо);

- соҳаи озод, ки дар он дахолати ҳокимияти давлатӣ вуҷуд надорад ва корфармоён/иттиҳодияи корфармоён ва иттифоқҳои касаба метавонанд шартномаҳои коллективии пайвасткунанда ба имзо расонанд;
- тавозуни қувваҳо байни тарафҳои шартномаи коллективӣ;
- мустақилияти иттифоқҳои касаба ва иттиҳодияҳои корфармоён аз якдигар ва аз давлат;
- воситаҳо ва фишангҳо барои фишоровари ба ҳамшарикон тибқи шартнома.

Сарфи назар аз заминаи меъёрии ҳуқуқии дар Тоҷикистон фароҳамовардашуда, сатҳи нокифояи шарикии иҷтимоӣ ба назар мерасад. Ҷонибҳои заифи шарикии иҷтимоӣ дар Тоҷикистон инҳо мебошанд:

- сатҳи пасти эҳтиёҷот ба шарикии иҷтимоӣ дар доираи ширкатҳо;
- таъсир надоштани шарикии иҷтимоӣ дар ҳама сатҳҳои муқаррарнамудаи қонун, ба қадри кофӣ салоҳиятнок набудани кормандони давлатӣ барои таъмини шарикии иҷтимоӣ;
- корманд ва захираҳои хеле маҳдуд доштани ҳамшарикони иҷтимоӣ;
- паст будани сатҳи шарикии иҷтимоӣ дар корхонаҳои хурд ва

миёна;

- нокифоя вуҷуд доштани шарикон барои шарикии иҷтимоӣ дар корхонаҳои хурд ва миёна;
- шартномаҳои коллективие, ки бехатарии касбӣ ва саломатиро чандон ба эътибор намегиранд;
- норасоии олот барои мушоракати иҷтимоӣ дар корхонаҳо;
- ба мӯҳтавою мундариҷаи шарикии иҷтимоӣ дохил карда нашудани масъалаҳои таҳсилот ва робита бо бозори меҳнат;

## 4. МАҚСАДҲОИ СТРАТЕГӢ, АФЗАЛИЯТ ВА ВАЗИФАҲО

Стратегияи давлатии рушди бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – Стратегия) то соли 2020 ҳуҷҷати барномавии заминавии байни бахшҳо барои дар амал татбиқ намудани мақсад ва вазифаҳои бозори меҳнат мебошад, ки аз Стратегияи миллии рушд (СМР) то соли 2015 ва Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2012 бармеоянд, инчунин вазифаҳоро барои марҳилаи ояндаи рушди кишвар то соли 2020, дар доираи рушди бозори меҳнат дар Тоҷикистон муайян менамояд.

Бо дарназардошти барномаҳои рушди соҳавӣ ва минтақавие, ки дар Тоҷикистон татбиқ мегарданд, Стратегияи мазкур амалӣ намудани тадбирҳоеро, ки то соли 2020 ба нақша гирифта шудаанд, пешбинӣ менамояд.

Ҳадафи асосии Стратегия: Мусоидат намудан ба баланд гардидани сатҳи шуғл бо роҳи фаъолгардонии аҳолии қобили меҳнат, такмилдиҳии муҳити соҳибкорӣ ва таъсис додани бозори меҳнати фасеҳ, ҳифзшуда ва барои ҳама дастрас.

Бо дарназардошти он, ки рушди соҳаи шуғл дар худи Тоҷикистон таъсис додани ҷойҳои нави кории пурмаҳсул афзалияти сиёсати иқтисодии кишвар ба ҳисоб меравад, барои муваффақона ноил гардидан ба мақсадҳое, ки дар доираи Стратегия гузошта шудаанд, афзалиятҳои миллии зерин муайян карда шудаанд:

-Вусъатбахшии шуғли пурмаҳсул.

-Рушди бозори меҳнати фасеҳ ва барои ҳама дастрас.

-Такмилдиҳии танзими бозори меҳнат.

-Рушди шарикии иҷтимоӣ ва ҷалби ҷомеаи шаҳрвандӣ ба ҳалли мушкилоти бозори меҳнат.

Бо дарназардошти афзалиятҳои дар боло номбаршуда, вазифаҳои зерин муайян карда шудаанд:

Барои ноил гардидан ба Афзалияти 1:

1.Тағйир додани самти сиёсати иқтисодӣ ба ҷалби ҳарчи бештари аҳолии қобили меҳнат ба соҳаи шуғли пурсамар ва қонунӣ дар бозори меҳнати дохилӣ;

2.Ташаккул додани муҳити ҷолиби соҳибкорие, ки ба таъсиси ҷойҳои корӣ мусоидат намояд.

Барои ноил гардидан ба Афзалияти 2:

1. Истифодаи механизми ташаккулдиҳии пардохти музди меҳнат барои батанзимдарории бозори меҳнат;

2. Тағйир додани самти таҳсилот барои дастгирӣ намудани ислоҳоти сохторӣ дар иқтисод;

3. Такмилдиҳии қонунгузорие, ки муносибатҳои меҳнатиро ба танзим медарорад;

4. Марҳила ба марҳила кам кардани ҳаҷми шуғли ба қайд гирифтанашуда;

5. Вусъатбахшии ҷалбкунии иҷтимоии табақаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ дар канор мондаи аҳолӣ.

Барои ноил гардидан ба Афзалияти 3:

1. Баланд бардоштани самаранокии идоракунии бозори меҳнат;

2. Ташаккулдиҳии системаи таҳлил ваояндабинии бозори меҳнат, таҳкими омори меҳнат;

3. Такмилдиҳии системаи ҳифзи меҳнат барои ҳавасмандгардонии корфармоён ба иштироки фаъолона дар бозори меҳнат;

4. Ҳифзи бозори меҳнати дохилӣ;

5. Баланд бардоштани накши мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар рушди бозори меҳнат.

Барои ноил гардидан ба Афзалияти 4:

1. Баланд бардоштани накши шарикони иҷтимоӣ дар рушди бозори меҳнат;

2. Ҷалби ҳарчи васеътари ҷомеаи шаҳрвандӣ ба ҳалли мушкилоти бозори меҳнат.

# 5. СИЁСАТ ВА ТАДБИРҲО

## § 1 Афзалияти 1. Вусъатбахшии шуғли пурмаҳсул

Дар доираи татбиқи афзалият оид ба вусъатбахшии шуғли пурмаҳсул тавассути истифодаи самараноки афзалиятҳои қобили рақобати Тоҷикистон тадбирҳои зерин пешбинӣ карда шудаанд:

1. *Тағйир додани самти сиёсати иқтисодӣ ба ҷалби ҳарчи бештари аҳолии қобили меҳнат ба соҳаи шуғли пурсамар ва қонунӣ дар бозори меҳнати дохилӣ.*

Иҷрои вазифаи мазкур бо саъю кӯшиши дар Тоҷикистон нигоҳ доштани муҳити макроиқтисодии устувор ҳамчун шарти муҳим барои вусъатбахшӣ ва таъмин намудан бо ҷойҳои корӣ алоқаманд мебошад.

Дурнамоҳои демографии дарозмӯҳлат, хусусан дар давраи то соли 2020 нишон медиҳанд, ки шумораи аҳолии синну соли қобили меҳнат дар муқоиса бо соли 2009 28,4 фоиз афзоиш меёбад (Ҷадвали 7). Ин ҳарчи бештар вусъат бахшидан ба соҳаҳои меҳнатталаб ва таъсис додани соҳаҳои нав дар иқтисодро тақозо менамояд. Мусоидат намудан ба рушди соҳибкорӣ муҳим аст, то ки миқдори бештари ҷойҳои кории пурмаҳсули дорои музди меҳнати ҷолиб таъсис дода шаванд.

Илова бар ин, истифодаи бархурди "силсилаи ҳаётӣ" дар шуғл, анҷомдиҳии тадбирҳои пешгирикунандаи бекорӣ, такмилдиҳӣ ва вусъатбахшии чорабиниҳои фаъоли шуғл, баланд бардоштани сатҳи иқтидорҳои (дониш, малака, таҷҳизонии техникӣ) идораҳое, ки ба масъалаҳои меҳнат машғуланд, таҳкимбахшии шарикии иҷтимоӣ ва рушди муколамаи иҷтимоӣ, ҷорӣ намудани принсипҳои фасеҳ ҳимояшавандагӣ унсурҳои асосие мебошанд, ки сиёсати шуғлро муайян менамоянд. Тағйироти доимӣ дар бозори меҳнат амалҳои муосирро барои мутавозинсозии талабот ва пешниҳодоти қувваи корӣ тақозо менамоянд ва зарурати рушд додани системаи ояндабинӣ ва таҳлили бозори меҳнатро муайян мекунанд. Вусъатбахшии имкониятҳои ба даст овардани маълумотҳо, аз ҷумла маълумотҳои оморӣ (гуногундоира) тақозо карда мешавад ва ба кормандони мақомоти давлатӣ лозим аст, ки маҳорату малакаи таҳлил ва арзёбии сиёсатро аз худ кунанд ва дар мақомоту идораҳо воситаю дастурамалҳои зарурӣ таҳия намоянд.

*Ҷадвали 7*

## Нишондодҳои асосии демографӣ

| № | Нишондод | с.2008 | с.2009 | с.2010 | с.2011 | с.2012 дурнамо | с.2013 дурнамо | с.2014 дурнамо | с.2015 дурнамо | с.2016 дурнамо | с.2017 дурнамо | с.2018 дурнамо | с.2019 дурнамо | с.2020 дурнамо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Шумораи аҳолии машғули кор, ҳаз.нафар | 2168 | 2219 | 2319 | 2428 | 2542 | 2660 | 2778 | 2914 | 3055 | 3198 | 3344 | 3490 | 3640 |
| 2. | Музди мехнати миёнаи мохона, сомони | 231,53 | 284,35 | 332,58 | 375,81 | 416,18 | 451,66 | 492,61 | 539,97 | 594,83 | 658,55 | 732,74 | 819,37 | 920,81 |
| 3. | Музди меҳнати ҳадди ақали (20% аз музди меҳнати миёна), сомонӣ | 60 | 60 | 70 | 82 | 91 | 99 | 107 | 118 | 130 | 144 | 160 | 179 | 201 |
| 4. | Музди меҳнати ҳадди ақал (аз 20% то 40% музди меҳнати миёна), сом. | 60 | 60 | 70 | 82 | 91 | 99 | 118 | 145 | 177 | 215 | 260 | 314 | 379 |

Манбаи асосии қувваи корӣ – шахсони корҷӯй, дар давраи кунунӣ донишҷӯён ва талабагони таълимгоҳҳои касбӣ ва дар маҷмӯъ ҷавонони аз ҷиҳати иқтисодӣ ғайрифаъол, ба шарте ки донишу малакаи онҳо ҷавобгӯи талаботи бозори меҳнат бошад, инчунин кормандони муҳоҷирати байнисоҳавӣ (муҳоҷирати касбӣ) ва занони ба корҳои хоҷагии оилавӣ машғулбуда ба шумор меравconfigured.

Дар Тоҷикистон сатҳи шуғлнокӣ ва сатҳи саводнокии касбии (тахассусии) аҳолӣ хеле паст аст. Тибқи маълумотҳои омории солҳои охир сатҳи шуғлнокӣ дар кишвар қариб 50 фоизи аҳолии қобили меҳнатро ташкил медиҳад ва сатҳи шуғлнокӣ дар соҳаҳои алоҳидаи иқтисод низ паст мебошад. Аз ҷумла 4,8 фоиз дар саноат, 3 фоиз дар сохтмон, 2,8 фоиз дар нақлиёт ва алоқа, 5,2 фоиз дар савдо ва хӯроки умумӣ. Вале шумораи машғулбудагон дар соҳаи кишоварзӣ (67 фоиз) хеле зиёд аст.

Барои Тоҷикистон ҳамчунин сатҳи муҳоҷирати пасти байнисоҳавӣ хос аст, вале сатҳи муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷи кишвар хеле баланд мебошад – зиёда аз 600 ҳазор нафар ё бештар аз 15 фоизи қувваи корӣ ҳар сол ба хориҷи кишвар ба муҳоҷирати меҳнатӣ сафар мекунанд.

Бинобар ин, зарур аст:

- рушди мутавозини иқтисод таъмин карда шавад;
- афзоиши ҳамасолаи ММД таъмин карда шавад (ниг. Ҷадвали 7);
- сатҳи таваррум назорат карда шавад, то ки ин омил ба муҳити соҳибкорӣ таъсири манфӣ нарасонад ва сатҳи рақобатпазирии иқтисодро паст накунад;
- ҳаҷми қарзи берунӣ таҳти назорат қарор дода шавад, то ки он аз 60 фоизи ММД зиёд нагардад;
- Буҷети давлатӣ бе каср нигоҳ дошта шавад ё ақкал касри Буҷети давлатӣ аз 0,5 фоизи ММД зиёд нагардад;
- сиёсати иқтисодӣ ва сармоягузорӣ бо сиёсати шуғл ҳамоҳанг карда шавад;
- дар оянда сатҳи шуғлнокӣ куллан баланд бардошта шавад.

Барои тағйир додани самти сиёсати иқтисодӣ ба ҷалби ҳарчи бештари аҳолии қобили меҳнат амалӣ намудани тадбирҳои зерин зарур мебошад:

- ташаккул додани иқтидорҳо барои мусоидат намудан дар таҳияи сиёсати асосноки макроиқтисодӣ ва сохторӣ – вусъатбахшии имкониятҳо ва захираҳо барои таҳлил ва дурнамои равандҳои иқтисодӣ ва рушди онҳо, аз ҷумла ҳамчунин ояндабинии бозори меҳнат. Вусъатбахшии иқтидорҳои макроиқтисодӣ барои таҳияи сиёсати макроиқтисодӣ ва сохторӣ дар ояндаи кӯтоҳмӯҳлат, миёнамӯҳлат ва дарозмӯҳлат, ҳангоми банақшагирии миёнамӯҳлат маблағҳои буҷети давлатӣ зарур мебошад. Инчунин маълумотҳои ояндабиниро барои таҳияи барномаҳои давлатӣ ва соҳавии рушд истифода намудан зарур аст. Барои ташаккулдиҳии иқтидорҳои макроиқтисодӣ се унсур зарур дониста мешавад – захираҳои

инсонии дорои омодагии касбӣ ва донишҳои махсус (бо дарки равандҳои иқтисодӣ дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ ва маҳорату малакаи эконометрия ва омор), маълумотҳо ва иттилооти мӯътамад, воситаю дастурамалҳо;

- баланд бардоштани самаранокии истифодаи маблағҳои буҷетӣ – ҷорӣ намудани банақшагирии миёнамӯҳлати буҷети давлатӣ, ҷорӣ кардани системаи муайянкунии афзалиятҳои буҷетӣ, таъсис додани системаи натиҷаҳо ва нишондодҳои натиҷавӣ, истифодаи нишондиҳандаҳои амалӣ дар банақшагирӣ ва татбиқу амалисозии сиёсат, инчунин барои банақшагирии буҷет, иҷро ва барои назорати иҷрои буҷет. Тағйир додани сиёсати давлатии молиявӣ, бо дарназардошти вазъи демографӣ зарур мебошад – сатҳи баланди таваллуд ба нақша гирифтани маблағи бештарро барои соҳаи маориф, шуғл ва тандурустӣ тақозо менамояд;
- баланд бардоштани сатҳи шуғлнокии аҳолӣ. Ҳама захираҳои дастрас ва иқтидорҳои ташкилӣ, аз ҷумла кӯмаки берунӣ бояд ба зиёд намудани ҳаҷми истеҳсолот ва хизматрасонӣ дар бозори дохилӣ равона карда шаванд. Рушди соҳаҳои нав – туризм ва хизматрасониҳои тиҷоратӣ, вусъатбахшии соҳаи иттилоотию технологӣ ва энергетика, сохтмони роҳҳо, рушди соҳаҳои дорои арзиши иловагии нисбатан баландтар (коркарди пахта, маҳсулоти кишоварзӣ), рушди хизматрасониҳои иҷтимоӣ барои аҳолӣ, таъсиси системаи банақшагирии захираҳои инсонӣ барои идоракунии давлатӣ, таъсиси системаи дурнамоии кӯтоҳмӯҳлат, миёнамӯҳлат ва дарозмӯҳлати бозори меҳнат, механизми ҳифзи бозори меҳнат (иҷозати кор, талабот нисбати забони давлатӣ);
- таҳия ва ҷорӣ намудани механизми баҳодиҳии (арзёбии) ҳама барномаҳое, ки дар сатҳи миллӣ, минтақавӣ ва соҳавӣ таҳия карда мешаванд, аз нуқтаи назари таъсири онҳо ба шуғл, аз ҷумла чунин нишондиҳандаҳои арзёбии натиҷабахшии барномаҳо, ба монанди миқдори ҷойҳои кории таъсисдодашаванда бо дарназардошти хусусиятҳои синнусолӣ ва гендерӣ, эҳтиёҷот ба кадрҳо (маҳаллӣ ва хориҷӣ), миқдори зарурии мутахассисони омӯзонидашаванда вобаста ба сатҳ ва намудҳои таҳсилоти (маълумоти) касбӣ, ҳаҷм ва манбаи маблағгузории тарбияи кадрҳо, ҷойҳои ташкили омӯзонии кадрҳо (натиҷаҳои ояндабинӣ баъди таҳия ва ҷорӣ намудани система истифода бурда мешаванд);
- доир намудани азнавбаҳодиҳии ҳама барномаҳои пештар қабулгардида бо асосноксозии маҳсулнокии онҳо аз нуқтаи назари шуғл ва пайваст кардан бо масъалаҳои тарбияи кадрҳои маҳаллӣ. Дар амал ҷорӣ намудани механизми воқеии ташхиси (экспертизаи) иҷтимоии ҳама барномаҳои қабулшаванда ва амалкунандаи рушди иқтисодӣ, минтақавӣ, соҳавӣ, инчунин барномаҳои сармоягузорӣ;

- анҷомдиҳии ташхиси иҷтимоии ҳамаи барномаҳои қабулшаванда ва амалкунандаи рушди иктисодӣ, минтақавӣ, соҳавӣ, инчунин барномаҳои сармоягузорӣ оид ба масъалаҳои шуғл;
- таҳкимбахшии робитаи байни рушди шуғл ва вусъатбахшии бозорҳои фурӯш, хусусан содирот, бо роҳи ҷорӣ намудани нишондиҳандаҳои самарабахши шуғл ба сиёсати рушди бозор ва тақвиятбахшии ҳамкории мақомоту идораҳои давлатӣ оид ба рушди содирот ва шуғл;
- ҷорӣ намудани принсипи дастгирии инноватсияҳо (навгониҳо) дар иқтисод, ҷорӣ намудани технологияҳои нав, истеҳсолоти илмталаб, истифодаи манбаъҳои ғайрианъанавии энергия, истеҳсолоте, ки коркарди ашёи хоми маҳаллиро таъмин мекунад, тавассути сиёсати фасеҳи андоз, дастгирии давлатӣ ва қарздиҳӣ.

2. *Ташаккул додани муҳити ҷолиби соҳибкорие, ки ба таъсиси ҷойҳои корӣ мусоидат намояд.*

Ташаккул додани муҳити ҷолиби соҳибкорӣ ҳамеша бо ислоҳоти андешакоронаю пухта ва мувофиқи матлаб буда, ба тағйироти системавӣ алоқаманд аст. Муҳити солими соҳибкорӣ ба рушди корхонаҳо, афзоиши ҷойҳои корӣ ва ихтисор гардидани фаъолияти соҳибкории ғайрирасмӣ мусоидат менамояд, инчунин ба ҷалб гардидани сармоягузориҳои хориҷӣ ва баланд гардидани сатҳи рақобатпазирӣ дар байни давлатҳои ҳамсоя ва дигар давлатҳо мусоидат мекунад.

Рушди соҳибкорӣ ва ташаккулёбии муҳити мусоиди тиҷорат дар кишвар метавонад манбаи вусъатёбии ҳарчи бештари соҳаи шуғл гардад.

Татбиқ намудани тадбирҳои зерин зарур мебошад:

- озод намудани корфармоён аз иҷрои вазифаҳои ба онҳо хоснабуда;
- якҷоя бо ташкилотҳои соҳибкорон ва сармоягузорон таҳия намудани нақшаи ҳарсола барои беҳтар намудани муҳити соҳибкорӣ. Ноил гардидан ба муттаҳидсозии манфиатҳо ва қабул гардидани қарорҳои қобили татбиқ муҳим аст, бинобар ин, амалҳои муштараки ҳукумат, роҳбарони корхонаҳои калон ва аз ҷиҳати стратегӣ муҳим, намояндагони соҳибкорон ва сармоягузорони хориҷӣ, олимон ва намояндагони мақомоти идораи маҳаллӣ зарур мебошад. Хусусан бояд ба паст кардани монеаҳои маъмурӣ барои соҳибкорони инфиродӣ, корхонаҳои хурд ва миёна, хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) таваҷҷӯҳ зоҳир карда шавад;
- ҷорӣ намудани механизми фасеҳи ҳавасмандгардонӣ барои соҳибкороне, ки барои омӯзонидани кормандон маблағҳо ҷудо мекунанд, миқдори зиёди ҷойҳои кории пурмаҳсул ва қонунӣ таъсис медиҳанд, барои соҳибкороне, ки соҳаҳои истеҳсолиро рушд медиҳанд;
- такмил додани механизми бақайдгирии соддагардидаи тиҷорат дар шакли шахси ҳуқуқӣ, ки ба принсипи "равзанаи ягона" асос ёфтааст

ва ҳадди аксар кам кардани ҳаҷми хароҷоти таъсис додани тиҷорат барои соҳибкорон дар шакли шахси ҳуқуқӣ, рушд додани хизматрасониҳои электронӣ барои соҳибкорон, ҷорӣ намудани меъёрҳои ҳавасмандгардонанда барои истеҳсолкунандагони молҳо ва сармоягузорони дохилӣ;

- такмил додани сиёсати андоз дар қисмати ворид намудани тавсияҳои мукаммал ба меъёрҳои қонунҳо, мӯҳлатҳои саривақтии эътибор пайдо кардани муқаррароти қонунҳо, соддагардонии пардохти андозҳо ва паст кардани сатҳи хавфҳои коррупсия, васеъ намудани заминаи андозбандишаванда, беҳтар намудани интизоми ҷамъоварии андозҳо;

такмили Феҳристи умумимиллии баҳисобгирии андозсупорандагон ва ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо мақомоти манфиатдори давлатӣ (мақомоти суғуртаи иҷтимоӣ, ММША ва ғ.) (қарори Ҳукумати ҶТ аз 27.04.2015 № 238);

- таҳия ва татбиқ намудани тадбирҳои дарозмӯҳлат ҷиҳати иттилоотонии аҳолӣ оид ба аҳамият ва зарурати пешбурди тиҷорати шахсӣ.

Самти муҳими ислоҳот такмилдиҳии системаи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ, баланд бардоштани сатҳи ҷолибияти он мебошад.

Системаи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ суғуртапулиро дар ҳолати фаро расидани хавфҳои гуногуне, ки ҳангоми онҳо шахс музди меҳнат ё даромадашро аз даст медиҳад, пешбинӣ менамояд: ба нафақа баромадан, аз даст додани кор, маъюб шудан, аз ҳодисаи нохуш дар ҷойи кор ё бемории касбӣ зарар дидан, аз даст додани саробон, бемор шудан, ба рухсатӣ рафтан пеш аз ва ё баъд аз таваллуд, фавт ва дигар ҳолатҳо.

Одатан ба гирифтани пардохт аз системаи суғуртаи иҷтимоӣ шахсе ҳуқуқ дорад, ки бо суғуртаи иҷтимоӣ фаро гирифта шудааст. Барои таъмин намудани ҳама намудҳои зикргардидаи суғуртаи иҷтимоӣ таҳия ва ҷорӣ намудани ҳуҷҷати меъёрӣ оид ба суғуртаи иҷтимоӣ аз ҳолатҳои нохуш ва ҷойи кор ва бемориҳои касбӣ зарур мебошад. Ин тадбир ҳамчунин барои рушди системаи ҳифзи меҳнат дар кишвар муҳим мебошад.

Системаи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ одатан ба принсипҳои ҳамраъйӣ (масъулияти муштарак) байни пардохткунандагони пардохтҳои суғуртаҳои иҷтимоӣ ва гирандагони пардохтҳо аз ҳисоби маблағҳои суғуртаи иҷтимоӣ асос меёбад ва аз даромадҳое, ки аз онҳо барои суғуртаи иҷтимоӣ ҳиссаҷудокуниҳо анҷом дода шудаанд, вобаста мебошад. Бинобар ин, такмил додани қонунгузорӣ ва васеъ намудани доираи шахсони аз ҷиҳати иҷтимоӣ суғурташуда мувофиқи матлаб аст – ба модарон (падарон) барои нигоҳубини кӯдак, хизматчиёни ҳарбӣ ва дигар табақаҳо давлат метавонад пардохтҳои суғуртаи иҷтимоӣ пардозад (аз музди меҳнати ҳадди ақал). Бояд муайян карда шавад, ки маблағҳо барои таъминоти нафақа дар ҳисобҳои инфиродии пасандозкунандаи шумораи зиёди одамон чӣ гуна ҷамъ (пасандоз) мешаванд.

Ба шахсон ҳангоми бекорӣ, беморӣ ва ҳангоми рухсатии пеш ва баъд аз таваллуд пардохтҳои иҷтимоӣ пардохта намешаванд ва собиқаи суғуртавии онҳо ба ҳисоб гирифта намешавад.

Барои категорияҳои алоҳидаи андозсупорандагон меъёрҳои гуногуни пардохтҳои иҷтимоӣ муқаррар карда шудаанд, вале пардохтҳои дахлдор аз ҳисоби маблағҳои суғуртаи иҷтимоӣ муқаррар карда нашудаанд (масалан, истифодабарандагони патент, онҳое, ки дар ташкилотҳои байналмилалӣ кор мекунанд).

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ" муқаррар намудани андозаи ҳар як намуди пардохт ва самти хароҷот пешбинӣ шудааст, вале дар сатҳи қонунгузорӣ ҷудокунии пардохтҳо аз рӯи намудҳои алоҳидаи суғурта амалан анҷом дода нашудааст.

Ба сохтори андози иҷтимоӣ (25 фоиз аз музди меҳнат) пардохтҳо барои суғуртаи иҷтимоӣ, пардохтҳои нафақа, пардохтҳо барои суғуртакунӣ аз бекорӣ дохил мешаванд.

Барои рушди системаи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ амалӣ намудани тадбирҳои зерин зарур мебошад:

- ҷорӣ намудани механизми алоқамандии қатъии байни пардохти суғуртаи иҷимоӣ ва маблағҳое, ки аз ҳисоби суғуртаи иҷтимоӣ гирифта мешаванд. Ба ҳар як шаҳрванд хароҷоти иҷтимоӣ аз рӯи маблағҳои воқеии аз ҷониби он пардохтнамудаи андози иҷтимоӣ муайян карда мешаванд. Сатҳи ҷолибияти системаи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ баланд бардошта мешавад;
- такмил додани системаи баҳисобгирии инфиродишудаи пардохтҳо барои таъминоти нафақаи соҳибкороне, ки ба сифати шахси воқеӣ ба қайд гирифта мешаванд;
- азнавтақсимкунии ҳаҷми пардохтҳои суғуртаи иҷтимоӣ байни корманд ва корфармо. Ҳаҷми умумии пардохти иҷтимоӣ дар сатҳи 26 фоиз боқӣ монда, ҳиссаи корфармо камтар мегардад (то 15-20 фоиз) ва ҳиссаи корманд зиёдтар мешавад (то 6 - 11 фоиз). Тақсимоти ин маблағҳо дар байни хазинаҳои гуногуни системаи суғуртаи иҷтимоӣ дар асоси қонунгузории ҷорӣ муайян карда мешавад. Ин имкон медиҳад сарбории корфармоён дар пардохти суғуртаи иҷтимоӣ сабук карда шавад ва ҳавасманд гардонии кормандон ба меҳнати расмӣ дар шароити таъмини алоқамандии ҳуқуқи дастрасӣ ба суғуртаи иҷтимоӣ бо натиҷаҳои меҳнат, баланд бардошта шавад.;
- ҷудо намудани иловапулӣ ба системаи суғуртаи иҷтимоӣ нисбати он табақаи истифодабарандагони суғуртаи иҷтимоии давлатӣ, ки пардохтҳои иҷтимоӣ накардаанд (хизматчиёни ҳарбӣ, модарон барои нигоҳубини кӯдак ва ғайра), ва барои пардохти нафақаи иҷтимоӣ собиқаи суғуртавӣ надоранд.

- ташаккул додани системаи дастрас барои ҳамроҳшавии ихтиёрии ҳамаи хоҳишмандон ба сохтори таъминоти нафақавӣ, аз ҷумла барои муҳоҷирони меҳнатӣ;
- таҳия ва ҷорӣ намудани меъёри тафриқаноки андози иҷтимоӣ барои шаклҳои гуногуни шуғл - барои кормандони кироя пардохти суғуртаи иҷтимоӣ дар ҳаҷми пурра (26 фоиз), барои худиштиғолон ва кормандони хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ ва оилавӣ танҳо пардохти он қисми суғуртаи иҷтимоие, ки ба таъминоти нафақа дахл дорад. Дар баробари ин дастрасии иттилоот дар бораи системаи суғуртаи иҷтимоӣ ва бо хоҳиши худ ҳамроҳ шудан ба намудҳои дигари суғуртаи иҷтимоӣ бояд таъмин карда шавад;
- таҳия ва ҷорӣ намудани механизми воқеии индексатсияи маблағҳои пасандозшаванда ва таъсис додани системаи иттилоотонии доимии мизоҷони системаи суғуртаи иҷтимоӣ;
- таъмин намудани худмаблағгузории системаи суғуртаи иҷтимоӣ, бо роҳи таъсис додани буҷетҳои алоҳидаи махсус бо даромаду хароҷоти алоҳида барои ҳар як намуди суғуртаи иҷтимоӣ;
- ба роҳ мондани маъракаи васеи иттилоотию рекламавӣ оид ба ҷалби аҳолии қобили меҳнат ба системаи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ.

Ѓайр аз ин, муҳим аст ба эътибор гирифта шавад, ки дар даҳсолаи охир муҳоҷирати қувваи корӣ дар Тоҷикистон доираи васеъ пайдо кардааст, зеро қисми зиёди аҳолии қобили меҳнат, бештар аз 600 ҳазор нафар ҳар сол бозори меҳнати кишварҳои дигарро интихоб мекунанд. Муҳоҷират ба хориҷа асосан хислати иқтисодӣ дорад – сабаби ин муҳити соҳибкории ҷалбнакунанда ва музди меҳнати ночиз дар худи Тоҷикистон мебошад. Сабаби асосии муҳоҷират ин фарқият дар андозаи музди меҳнат байни Тоҷикистон ва кишварҳои муҳоҷирони меҳнатиро қабулкунанда мебошад. Тағйироти назаррас дар даромадҳо дар дохили кишвар метавонанд хоҳиши дар хориҷи кишвар кор кардани қувваи кориро пасттар кунад. То замоне, ки чунин омил ба вуҷуд наояд, муҳоҷирати қувваи корӣ зуҳуроти кӯтоҳмуддат нахоҳад буд. Дар айни ҳол муҳоҷират шиддатро дар бозори меҳнати дохилӣ паст мекунад.

Аксари муҳоҷирони меҳнатӣ баъди бозгаштан ба ватан ба системаи суғуртаи иҷтимоӣ дастрасӣ надоранд. Рушди системаи суғуртаи иҷтимоии ҷолиб бо дастрасии озод барои ҳамроҳшавии ихтиёрии ҳама хоҳишмандон, аз ҷумла ММХ ва шаҳрвандони хориҷие, ки дар қаламрави Тоҷикистон кор мекунанд, самти афзалиятноки ислоҳот дар соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва таъмини нафақа мебошад.

### **§ 2** Афзалияти 2. Ташаккулдиҳии бозори меҳнати фасеҳ ва барои ҳама дастрас

Мавқеъҳои заифи рақобатпазирии Тоҷикистонро дар бозори ҷаҳонӣ (глобалӣ) тадқиқоти ҳарсолаи Бонки ҷаҳонӣ дар индекси "Пешбурди тиҷорат" (*Doing Business)* тасдиқ мекунад. То аввали соли 2011 Тоҷикистон дар байни 183 иқтисоди кишварҳои мухталиф ҷойи 139-умро ишғол намуд. Бартараф намудани ҷойҳои заифи дар рейтинги мазкур зикргардида (ташкили тиҷорат, гирифтани иҷозат барои сохтмон, пешбурди фаъолияти иқтисодии хориҷӣ), рушди иқтисод, такмилёбӣ дар байни соҳибкорӣ ва беҳтарсозии муносибатҳои меҳнатӣ, бояд чорабиниҳои асосии афзалияти мазкур бошанд. Ба сифати мақсад бояд беҳтар намудани мавқеъ дар рейтинги мазкур муайян карда шавад, ҳадди ақал ворид шудан ба сади аввал то соли 2020.

1. *Истифодаи механизми ташаккулдиҳии музди меҳнат барои батанзимдарории бозори меҳнат.*

Истифодаи механизми ташаккулдиҳии музди меҳнат барои баланд бардоштани сатҳи ҷолибияти меҳнат, таъмини музди сазовор барои кори анҷомдода, инчунин барои паст кардани сатҳи камбизоатии меҳнатӣ зарур мебошад. Дар айни ҳол нобаробарии байни аҳолӣ низ зиёд шуда истодааст.

Тадбирҳое, ки бояд пешбинӣ карда шаванд:

- истифодаи музди меҳнати ҳадди ақал ва ҳадди ақали андозбандинашаванда ҳамчун воситаҳои воқеӣ барои баланд бардоштани сатҳи даромадҳои аҳолӣ, хусусан дар касбҳои каммузд. Бо ҷалби шарикони иҷтимоӣ таҳия намудани системаи баланд бардоштани музди меҳнати ҳадди ақал бо пайвастан ба нишондиҳандаҳои мушаххаси иқтисодии кишвар ва инчунин бо назардошти болоравии сатҳи таваррум. Таҳким ва вусъатбахшии ҳамкорӣ бо шарикони сеҷониба ва ҷалб намудани онҳо ба раванди қабули қарорҳо зарур мебошад.
- ҳал намудани мушкилоти қарздории доимӣ оид ба пардохти музди меҳнат ба воситаи гузаронидани бозҳисобии қарздорӣ оид ба музди меҳнат, таҳияи механизми пӯшонидани он ва ташкили системаи назорат, то ки қарздорӣ оид ба пардохти музди меҳнат ба вуҷуд наояд;
- барои коргарон фароҳам намудани имконияти фавран иттилоъ додан/шикоят кардан аз ҳолатҳои напардохтани музди меҳнат ба мақомоти дахлдор;
- муайян намудани тартиби пардохти ҳатмии ҳармоҳаи музди меҳнат ба кормандон дар ҳама корхонаҳо ва ташкилотҳо.

2. *Тағйир додани самти таҳсилот барои дастгирӣ намудани ислоҳоти сохторӣ дар иқтисодиёт.*

Таҳсилот дар рушди захираҳои инсонӣ ва рушди ҷомеа аҳамияти зиёд дорад, он ба ҳуқуқҳои инсон мансуб аст ва воситаи муҳим барои ноил гардидан ба баробарҳуқуқӣ, рушди иқтисод ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад.

Рушди бозори меҳнат бидуни рушди таҳсилот дар тӯли тамоми ҳаёт имконнопазир аст. Сиёсати таҳсилот дар тӯли тамоми ҳаёт бояд ба инкишофи шахсияти инсон, таҳсили мустақилона дар ҳар як марҳилаи ҳаёт, дар тамоми соҳаҳо дар тӯли тамоми ҳаёт мусоидат намояд ва ҳамин тариқ, барои рушди қобилияти ташаббускорӣ ва мутобиқшавӣ заминаҳо фароҳам оварда, ҷалби иҷтимоӣ, шуғл ва мавқеи шаҳрвандиро таъмин намояд. Дар ҷомеаи муосир дониш ва истифодаи он, малака ва салоҳиятҳое, ки барои бозори меҳнат ва дар маҷмӯъ барои ҷомеа зарур мебошанд, хеле зуд тағйир меёбанд. Бинобар ин, ҷойи нисбатан доимӣ ва пураҳамиятро дар баробари таҳсилоти расмӣ таҳсилоти ғайрирасмӣ, худомӯзии калонсолон сарфи назар аз синну соли шахс ва аз ҳуҷҷатҳои мавҷуда оид ба таҳсилоти гирифта ишғол мекунад. Таҳсилоти расмӣ, таҳсилоти ғайрирасмӣ ва худомӯзии ҳаррӯза ба андозаи баробар дар сиёсати таҳсилот дар тӯли тамоми ҳаёт муҳим мебошанд, зеро онҳо якдигарро такмил медиҳанд, сатҳи таҷрибаро баланд мебардоранд ва ҷаҳонбиниро васеъ мекунанд.

Барои рушди таҳсилот дар тӯли тамоми ҳаёт инҳо зарур мебошанд:

- таъмин намудани дастрасии аҳолӣ ба таҳсилот дар тӯли тамоми ҳаёт, сарфи назар аз синну сол, ҷинс, таҳсилоти пештара, ҷойи истиқомат, сатҳи даромадҳо ва нуқсонҳои ҷисмонӣ (пешниҳоди фасеҳи имконияти дуюми гирифтани маълумот (таҳсилот), тавассути пешниҳод намудани шаклҳои мухталифи омӯзиш, (омӯзиши фосилавӣ, ғоибона, шабона), дорои мундариҷа ва давомнокии мухталиф, дастрас будан дар ҳама минтақаҳо;
- фароҳам овардани пешниҳодҳои пурмаҳсул оид ба таҳсилот дар тӯли тамоми ҳаёт, ки салоҳият ва малакаҳоро барои эҳтиёҷоти бозори меҳнат таъмин кунанд, таъсис додани механизмҳое, ки пешниҳоди таҳсилотро тибқи талаботи бозори меҳнат таъмин мекунанд, таҳия ва ҷорӣ намудани воситаҳои арзёбӣ намудани сифати таҳсилот;
- такмил додани ҳуҷҷатҳои меъёрӣ бо муайян кардани идораҳои масъул ва таъмин намудани ҳамкорӣ ва ҳамоҳангӣ, механизмҳои маблағгузорӣ, бо мутавозин намудани манфиатҳои давлат, мақомоти худидора, шахсони хусусӣ (шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ);
- таъсис додани воситаҳои эътироф намудани донишу малакаҳое, ки дар доираи таҳсилоти расмӣ ба даст оварда шудаанд.

Ҷиҳати тағйир додани самти таҳсилот барои эҳтиёҷоти бозори меҳнат ва таъмин намудани робитаи байни сиёсати иқтисодӣ, шуғл ва таҳсилот татбиқ намудани тадбирҳои зерин зарур мебошад:

- дар барномаи синфҳои болоии мактаби миёнаи асосӣ ҷорӣ намудани фанни "Донишҳои иҷтимоӣ" дар асоси якҷоякунии ҳама фанҳои ҷамъиятӣ ва дохил кардани масъалаҳои тайёр намудан барои баромадан ба бозори меҳнат, шиносоӣ бо тиҷорат, баланд

бардоштани сатҳи саводнокии функсионалӣ, рушди фикрронии мантиқӣ;

- дар таҷрибаи кори мактабҳои миёнаи асосӣ ҷорӣ намудани масъалаҳои муайян кардани касби ояндаи худ ва касбомӯзонӣ;
- таъсис додани системаи рақобатпазири таълиму тарбияи касбӣ, бо таъмин намудани болоравии сатҳи ҷолибияти таълиму тарбияи касбӣ ва таъмин намудани иштироки Шарикони иҷтимоӣ дар баланд бардоштани сифати таҳсилоти касбӣ, пешниҳоди мутавозини имкониятҳои омӯзиши касбҳо дар сатҳи минтақавӣ мутобиқи сохтори шуғл;
- таҳия ва ҷорӣ намудани механизми ҳамкории муассисаҳои таълими касбӣ бо корфармоён оид ба таҳияи стандартҳои касбӣ, барномаҳои таълимӣ, ташкили таҷрибаомӯзӣ барои таҳсилкунандагон, арзёбӣ намудани дониши хатмкунандагони муассисаи таълими касбӣ. Ба ҳама марҳилаҳои таҳсилоти касбӣ дохил намудани омӯзиши асосҳои соҳибкорӣ;
- таҳия намудани механизми ҷалбкунии соҳибкорон ва кормандони соҳаи савдо ва хӯроки умумӣ, хизматрасонии нақлиётӣ ба мусофирон, соҳаи хизматрасонӣ, роҳбарони хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ва ғайра ба омӯзиши касбӣ (такмилдиҳии малакаҳои касбӣ);
- бо дарназардошти имкониятҳои маҳдуди буҷети давлатӣ, ҷалб намудан ва ҳавасманд гардонидани иштироки бахши хусусӣ дар таъмин ва рушди таълиму тарбия дар ҳама зинаҳо.

3. *Такмил додани қонунгузории танзимкунандаи муносибатҳои меҳнатӣ.* Вазифаи мазкур татбиқ намудани тадбирҳои зеринро пешбинӣ менамояд:

- ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузории меҳнат дар қисмати баланд бардоштани сатҳи фасеҳии бозори меҳнат ва мутобиқсозии он ба шароити воқеӣ, бо дарназардошти гуногунии шаклҳои шуғл;
- аниқ намудани истилоҳоти соҳаи меҳнат, шуғл ва бозори меҳнат дар қисмати муайян намудани ҳадди дақиқ байни мақоми мухталиф дар бозори меҳнат. Соҳибкороне, ки коргарони кирояро истифода мебаранд, бояд фаъолияти худро дар шакли шахси ҳуқуқӣ ба расмият дароранд. Бояд амалияи аз ҷониби соҳибкорон истифода гардидани тартиби барасмиятдарории патентҳо барои кормандони худ бо мақсади халос шудан аз пардохти андозҳои меҳнатӣ ва пардохтҳои иҷтимоӣ барҳам дода шавад;
- муайян намудани шаклҳои қонунии муносибатҳои меҳнатӣ ва такмил додани қонунгузорӣ;
- таҳия ва ҷорӣ намудани Классификатори нави касбҳо (шуғлҳо) мутобиқи стандартҳои байналмилалӣ ва мутобиқсозии он бо стандартҳои касбӣ;

- бо ҷалби шарикони сеҷониба таҳия намудани Дастурамал барои корфармоён оид ба қонунгузории меҳнат ва шуғл, идоракунии захираҳои инсонӣ;
- такмили ҳисоботи оморӣ, инчунин ба тадқиқоти қувваи корӣ дохил намудани нишондиҳандаҳо барои гузаронидани таҳлили мунтазами муносибатҳои меҳнатӣ.

4. *Марҳила ба марҳила кам кардани ҳаҷми шуғли ба қайд гирифтанашуда.*

Яке аз мушкилоти муҳим дар бозори меҳнати Тоҷикистон ин сатҳи баланди шуғли ба қайд гирифтанашуда мебошад, ки барои рушди рақобати солими корхонаҳо ва соҳибкорон монеаҳо ба вуҷуд меорад, ба ҳаҷми даромадҳои буҷетӣ, ба сатҳи шуғл дар кишвар ва ҳифзи иҷтимоию ҳуқуқии аҳолии меҳнаткаш таъсири манфии зиёд мерасонад. Дар шуғли ба қайд гирифтанашуда ҳамчунин муҳоҷирони меҳнатӣ аз дигар давлатҳо иштирок доранд, ки бе иҷозатномаи меҳнатӣ кор мекунанд. Иҷро ва риоя гардидани квотаҳои муқарраргардида ва миқдори қувваи корӣ аз дигар давлатҳо дар доираи лоиҳаҳои сармоягузории баимзорасида ва татбиқшаванда тафтиш карда намешавад. Сиёсат оид ба ихтисор намудани шуғли ба қайд гирифтанашуда таҳия нагардидааст, он метавонист аҳолӣ ва соҳибкоронро ба он водор созад, ки бештар дар бахши расмии иқтисод фаъолият кунанд. Тадқиқотҳои анҷомдодашуда (ТҚК ва ғ.) сатҳи шуғли ба қайд гирифтанашударо тақрибан дар ҳаҷми 50%-и аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол арзёбӣ мекунанд. Мавҷудияти ҳаҷми зиёди шуғли ба қайд гирифтанашуда зиёда аз 2 маротиба ҳаҷми маблағҳои аз андозҳои меҳнатӣ ба буҷети давлатӣ воридшударо паст мекунад.

Бинобар ин, барои марҳила ба марҳила кам кардани ҳаҷми шуғли ба қайд гирифтанашуда татбиқ намудани тадбирҳои зерин зарур мебошад:

- муайян намудани сиёсати давлат оид ба паст намудани сатҳи шуғли ба қайд гирифтанашуда (ғайрирасмӣ);
- ворид намудани тағйирот ба Кодекси меҳнат оид ба ҳатман дар шакли хаттӣ ба расмият даровардани шартномаҳои меҳнатӣ;
- таҳия намудани пешниҳод оид ба тақвиятбахшии ҷавобгарии маъмурӣ ва ҷиноятии корфармоён барои риоя накардани қонунгузории меҳнат ва набастани шартномаи меҳнатӣ бо корманд дар шакли хаттӣ;
- таҳия ва ҷорӣ намудани чорабиниҳо оид ба маҳдудсозии фаъолияти соҳибкории ба қайд гирифтанашуда дар кишвар;
- таҳия ва ҷорӣ намудани меъёрҳо оид ба бақайдгирии ҳатмии хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) вобаста ба хислат ва андоза: барои мисол, хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ дар шакли худиштиғол, хоҷагиҳои деҳқонии оилавӣ ва коллективӣ дар шакли шахси ҳуқуқӣ метавонанд ба қайд гирифта шаванд. Дар хоҷагиҳои деҳқонӣ системаи муносибатҳои меҳнатӣ бояд мутобиқи меъёрҳои

қонунгузории меҳнат ба роҳ монда шаванд, дар кишвар бояд баҳисобгирии омории шахсони дар хоҷагиҳои деҳқонӣ машгули кор буда ва ҳаракати қувваи корӣ дар онҳо ба роҳ монда шавад;
- хабардор намудани ҷомеа аз таъсири манфии шуғли ба қайд гирифтанашуда.

5. *Вусъатбахшии ҷалбкунии иҷтимоии табақаҳои аҳолии аз ҷиҳати иҷтимоӣ дар канор монда.*

Ба гурӯҳи аҳолие, ки таҳти хавфи дар канормонии иҷтимоӣ қарор дорад, метавон шахсонеро мансуб донист, ки ба дарёфт кардани даромад қодир нестанд, даромади ғайрикофӣ ё даромади ғайримунтазам доранд – корҷӯёне, ки сатҳи пасти таҳсилот доранд, аз ҷумла донишҷӯёни аз таълимгоҳҳо хориҷшуда, дорои малакаи ғайрикофӣ ё касбҳои нолозим.

Мувофиқи қонунгузорӣ гурӯҳҳои зерини осебпазири аҳолӣ муайян карда шудаанд – шахсони синни қобили меҳнат, ки дар ҷустуҷӯи кор мушкилӣ доранд ва наметавонанд дар баробари дигарон дар бозори меҳнат рақобат кунанд:
- маъюбон;
- ятимони ноболиғ;
- шахсоне, ки аз хизмати ҳарбӣ тибқи даъват аз Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар сохторҳои ҳарбӣ ба рухсат ҷавоб дода шудаанд;
- шахсоне, ки аз муассисаҳои иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ё аз муассисаҳои табобати маҷбурӣ озод карда шудаанд;
- волидони танҳо, инчунин шахсоне, ки кӯдакони ноболиғ, кӯдакони маъюб доранд;
- волидоне, ки зиёда аз панҷ кӯдаки ноболиғ доранд;
- шахсони то синни 18-сола, ки бо сабаби фавти волидон ё дигар ҳолатҳо сарвари оила мебошанд;
- шахсоне, ки то ба нафақа баромаданашон аз рӯи синну сол ду сол мондааст;
- шахсони то синни 18-сола ва ҷавонон, ки баъди хатми муассисаҳои таълимӣ тибқи роҳхати хадамоти давлатии шуғли аҳолӣ ба кор равон карда шудаанд.

Вусъатбахшии ҷалбкунии иҷтимоӣ барои табақаҳои аҳолии аз ҷиҳати иҷтимоӣ дар канор монда дар навбати аввал баланд бардоштани сатҳи дастрасӣ ба таҳсилоти сифатнок ва шуғл, беҳтар намудани системаи дастгирии даромадҳо ва хизматрасониҳоро талаб менамояд:
- аз нав баррасӣ намудани механизми квотакунии ҷойҳои корӣ барои табақаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ осебпазири аҳолӣ бо ҳавасмандсозии ҳатмии корфармоён;
- аз нав баррасӣ намудани табақаҳои аҳолие, ки ба ҳифзи иҷтимоӣ эҳтиёҷ доранд ва таъсис додани ҷойҳои кории махсус, инчунин

таҳия намудани сиёсати фаъоли ба шуғл ҷалб кардани табақаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ дар канор мондаи аҳолӣ;

- таъсис додани Агентии махсуси ҳифзи иҷтимоии аҳолии ВТҲИА дар назди ВМҲИА, ки ба он бояд ҳамаи ташкилотҳои системаи Вазорат оид ба омӯзонидани маъюбон, барқарорсозии қобилияти меҳнатӣ, хизматрасонии иҷтимоӣ дохил карда шаванд. Агентии мазкур метавонад ҳам дар доираи воҳидҳои кории мавҷудаи сохторҳои ВМҲИА ва ҳам бо васеъ намудани доираи вазифаҳо, зиёд намудани ҳаҷм ва сифати хизматрасонӣ, таъсис дода шавад (қа) (қарори Ҳукумати ҶТ аз 27.04.2015 № 238);
- нигоҳдорӣ ва ташаккули механизмҳои амалкунандаи дастгирии соҳибкорон ва корфармоёне, ки барои табақаҳои аҳолии аз ҷиҳати иҷтимоӣ дар канор монда ҷойҳои корӣ таъсис медиҳанд;
- таҳияи нишондиҳандаҳо ва ҷорӣ намудани системаи мониторинг оид ба масъалаҳои ҷалбкунии иҷтимоӣ;
- гузаронидани тадқиқоти мунтазам оид ба масъалаҳои осебпазирии иҷтимоӣ ва камбизоатӣ;
- ташаккул додани механизм оид ба вусъатбахшии имкониятҳо барои занон ҷиҳати якҷоякунии ҳаёти оилавӣ ва меҳнатӣ;
- таъсис додани хизматрасониҳои таълими иловагӣ барои ҷавонон, бекорон ва корҷӯён аз фанҳое, ки барои идома додани таҳсил ва гирифтани касб зарур мебошанд (бартараф намудани камбудиҳо дар дониши пешин);
- фароҳам овардани имкониятҳои омӯзиш барои шахсони бесаводи синни қобили меҳнат ва ҳамгироии онҳо ба бозори меҳнат;
- фароҳам овардани шароит барои таҳсилоти касбӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси занони маъюб, модарони кӯдакони маъюб, заноне, ки кӯдакони хурдсол доранд;
- вусъатбахшии шабакаҳои муассисаҳои томактабӣ, фароҳам овардани имконияти омӯзиши иловагии кӯдакон, рушди имкониятҳои рӯзи давомдор дар мактабҳо барои таъмини нигоҳубини кӯдакон;
- васеъ намудани шабакаи марказҳои офиятбахшӣ барои кӯдакони маъюб, ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи фаъолнокии иқтисодии онҳо;
- дар ятимхонаҳо ба роҳ мондани фаъолият оид ба меҳнат омода намудани ятимони ба синни қобили меҳнат расида.

Дар такмилдиҳии сиёсати меҳнат бо мақсади фаъолгардонии аҳолӣ ба эътибор гирифтани чорабиниҳо ақалан барои панҷ ҳолати гузариш ба бозори меҳнат зарур мебошад:

- аз таҳсил (омӯзиш) ба шуғл;
- байни шаклҳои гуногуни шуғл;
- байни шуғл ва хоҷагии оилавӣ;

- байни шуғл ва маъюбӣ;
- байни шуғл ва пиронсолӣ.

## § 3. Афзалияти 3. Такмилдиҳии танзими бозори меҳнат

1. *Баланд бардоштани самаранокии идоракунии бозори меҳнат.*

Дар сохтори идоракунии бозори меҳнат дар Тоҷикистон мушкилоти вобаста ба ҷудокунии ваколатҳо байни идораҳои барои таҳияи сиёсат масъулбуда ва идораҳои барои татбиқи сиёсат масъулбуда вуҷуд доранд. Ѓайр аз ин, дар қонунгузорӣ оид ба шуғл меъёрҳое вуҷуд доранд, ки иҷро карда намешаванд ё механизми иҷро надоранд. Дар ин ҳолат идоракунии бозори меҳнат ва қонунгузорӣ мутобиқсозиро тақозо менамоянд.

Принсипҳои кори мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ (минбаъд - ММША) ба эҳтиёҷоти бекорон ва расонидани кӯмаку мусоидати зарурӣ дар таъминкунии онҳо бо кор нигаронида нашудаанд, чунки ин кор аз рӯи принсипи мавҷудияти маблағҳои ҷудогардида, на ба эҳтиёҷоти воқеии он ба роҳ монда шудааст. Барои таҳияи дақиқи буҷет ҷорӣ намудани усулҳои банақшагирии стратегии буҷети миёнамӯҳлат дар кори ҳама хадамот аз сатҳи ноҳиявӣ оғоз карда, то ба сатҳи боло зарур мебошад (қарори Ҳукумати ҶТ аз 27.04.2015 № 238).

Маҳсулнокии кори ММША арзёбӣ карда намешавад. То чӣ андоза самаранок будани чорабиниҳое, ки аз буҷети давлатӣ маблағгузорӣ мешаванд, оё самара меоранд ё не, боре ҳам арзёбӣ карда нашудаанд. Системаи робитаи баръакс байни ММША ва мизоҷони он вуҷуд надорад (қарори Ҳукумати ҶТ аз 27.04.2015 № 238).

Амалан мақомоти минтақавии ММША системаи ягонаи мубодилаи маълумот оид ба ҷойҳои кории холӣ, оид ба пешниҳодҳо ва харакати қувваи корӣ надоранд. Дар баробари ин, расмияти муроҷиати бекорон бо маҳалли қайди зист вобаста карда шудааст ва чунин ҳолат ҳуқуқи бекоронро барои муроҷиат ба ин хадамот маҳдуд мекунад. Таъсиси манбаи ягонаи маълумот оид ба бозори меҳнат имконият медиҳад, ки ин монеаҳо бардошта шаванд ва ба шахси бекор сарфи назар аз маҳалли ҷойгиршавии он чӣ дар дохили кишвар ва чӣ дар хориҷи он хизмат расонида шавад. Аз ин лиҳоз, бозори меҳнат ба ташаккулдиҳии фазои ягонаи иттилоотӣ эҳтиёҷ дорад. Тавассути шабакаи Интернет таъсис додани манбаи умумимиллии маълумот оид ба ҷойҳои кории холӣ ва пешниҳоди қувваи корӣ (Феҳристи бекорон ва коҷӯён), ҳам дар сатҳи миллӣ ва ҳам дар сатҳи минтақавӣ, ба компютерикунонӣ ва таҷҳизонии техникии марҳила ба марҳила ва омӯзонидани кормандони ММША зарурат дорад. Ин манбаъҳои маълумот бояд бо низоми кории шабонарӯзӣ дастрас ва фаъол бошанд. Манбаи ягонаи маълумот низ барои муҳоҷирони меҳнатие, ки мехоҳанд баргарданд ва дар ватан кор пайдо кунанд, ҷолиб буда метавонад (қарори Ҳукумати ҶТ аз 27.04.2015 № 238).

Барои баланд бардоштани сатҳи самаранокии идоракунии бозори меҳнат мутобиқсозии қонунгузорӣ оид ба шуғл аз нуқтаи назари ворид намудан ва нигоҳ доштани танҳо он меъёрҳое, ки иҷрошаванда мебошанд, маблағгузории воқеӣ, таъминоти ташкилӣ ва кадрии хадамоти дахлдор доранд, пешбинӣ карда мешавад.

Дар сохтори идоракунии бозори меҳнат бояд ҷудокунии дақиқи вазифаҳои мақомоти барои таҳияи сиёсат масъулбуда аз хадамот ва агентиҳои барои татбиқи сиёсат масъулбуда ҷорӣ карда шавад. Ба низомномаҳои вазорати дахлдор ва хадамоту агентиҳои он бояд тасҳеҳот ворид карда шаванд.

Барои таъмини истифодаи ҳатмии меъёрҳое, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба шуғл пешбинӣ гардидаанд, механизми маблағгузории чорабиниҳое, ки аз ҷониби ММША барои дастгирии иҷтимоии бекорон татбиқ карда мешаванд ва қонун онҳоро кафолат додааст, таҳия ва ҷорӣ карда мешавад. Татбиқи ҳар як чорабинӣ бояд аз нуқтаи назари хароҷоти маблағҳо ҳисоб карда шавад, то ки иҷрои ин меъёрҳо барои ҳар як шахсе, ки ба дарёфти чунин хизматрасониҳо ҳуқуқ дорад, ва роҳ надодан ба пайдошавии қарздорӣ аз рӯи пардохтҳо таъмин карда шавад. Дар робита ба ин, барои банақшагирии самараноки маблағҳо корҳо оид ба ҷорӣ намудани принсипҳои банақшагирии миёнамӯҳлати буҷет идома дода мешаванд. Ҳамчунин рушди усулҳои банақшагирии стратегӣ дар вазоратҳо ва муассисаҳои давлатӣ, баланд бардоштани иқтидори маъмурии мақомоте, ки ба таҳия ва ҷорӣ намудани сиёсати бозори меҳнат машғуланд, зарур мебошад (қарори Ҳукумати ҶТ аз 27.04.2015 № 238).

Таҳлил нишон дод, ки сатҳи фаъолнокии иқтисодии аҳолии қобили меҳнат хеле паст аст ва ин нишондиҳанда тадриҷан паст мегардад. Тибқи маълумотҳои ТҚК-и соли 2009 сатҳи фаъолнокии иқтисодии аҳолии синни 15-75-сола танҳо 39,4 фоизро ташкил дод. Сабабҳои чунин ҳолат гуногунанд. Дар навбати аввал ин имкониятҳои маҳдуди шуғл ва афзудани рӯҳафтодагӣ дар байни аҳолии қобили меҳнат мебошад. Аз ҷониби дигар аҳолӣ аз имкониятҳое, ки ММША пешниҳод мекунад, аз кафолатҳои давлатӣ барои бекорон хабардор нест. Ғайр аз ин, номгӯи хизматрасониҳои ММША нав карда намешавад, усулҳои қабули шаҳрвандон дар ин хадамот ба эҳтиёҷоти бекорон нигаронида нашудаанд (қарори Ҳукумати ҶТ аз 27.04.2015 № 238).

Ба соҳаи мусоидат ба кортаъминкунии аҳолӣ бояд бахши хусусӣ ҷалб карда шавад, яъне бояд ба рушди ташкилотҳои хусусии бокортаъминкунӣ мусоидат карда шавад.

Бояд хизматрасониҳои нав таҳия ва дар фаъолияти ММША ҷорӣ карда шаванд ва хизматрасониҳои вуҷуддошта такмил дода шаванд. Барои ин ба роҳ мондани кор оид ба омӯзиши доимии талабот ба ин ё он хизматрасонӣ ба роҳ монда шавад (қарори Ҳукумати ҶТ аз 27.04.2015 № 238).

Аҳолӣ бояд аз хизматрасониҳое, ки ба бекорон пешниҳод карда мешаванд, хабардор карда шавад. Бинобар ин, таҳия ва амалӣ намудани чорабиниҳо оид ба иттилоотонии аҳолӣ дар бораи кафолатҳои иҷтимоӣ дар ҳолати бекорӣ, реклама намудани хизматрасониҳои ММША зарур аст. Ин тадбирҳо бояд бо маблағгузории кофӣ таъмин карда шаванд (қарори Ҳукумати ҶТ аз 27.04.2015 № 238).

Номгӯи хизматрасониҳои ММША бояд дар қисмати пешгирии бекорӣ васеъ карда шавад. Ба номгӯи чунин чорабиниҳо метавонанд иттилоотонӣ, кор бо корфармоён, пешниҳод намудани хизматрасониҳо оид ба интихоби касб барои ҷавонони бекор ва дигар тадбирҳо дохил карда шаванд. Ин чораҳо таҷдиди назар намудани меъёрҳои қонунгузорӣ оид ба шуғлро тақозо менамояд (қарори Ҳукумати ҶТ аз 27.04.2015 № 238).

Дар заминаи шӯъбаҳои минтақавии ММША шароит барои хизматрасониҳои электронӣ ба мизоҷони ММША фароҳам оварда мешавад. Аз ҷумла, толорҳои компютерӣ ташкил карда мешаванд, ки дар он ҷо дарёфт намудани тамоми иттилооти ибтидоӣ оид ба бозори меҳнати минтақавӣ, ҷойҳои кории мавҷудбуда, пешниҳод намудани анкетаи худ барои ҷустуҷӯи кор, шинос шудан бо хизматрасониҳои ММША ва иттилооти дигар имконпазир хоҳад буд. Кор оид ба ҷорӣ намудани системаи мазкур аз соли 2014 бо озмоиш дар заминаи панҷ ноҳияи таҷрибавӣ оғоз карда мешавад ва то соли 2020 тамоми ММША-и минтақавӣ бо толорҳои компютерӣ таҷҳизонида хоҳанд шуд. Системаи хизматрасониҳои электронӣ ҳамчунин аз тариқи шабакаи Интернет низ дастрас хоҳад шуд (қарори Ҳукумати ҶТ аз 27.04.2015 № 238).

Кори ММША ба эҳтиёҷоти бекорон нигаронида шудааст, принсипи кори "Рӯ ба мизоҷ" ҷорӣ карда шудааст, системаи арзёбии доимӣ аз нуқтаи назари самараноки  кор таъсис дода шудааст, ки он имкон медиҳад маҳсулнокии тадбирҳои амалишаванда, маблағҳои ҷудошаванда арзёбӣ карда шавад ва сиёсат дар ин самт сари вақт тасҳеҳ карда шавад. Бинобар ин, лаҳзаи муҳим таҳия ва ҷорӣ намудани нишондиҳандаҳои маҳсулнокии кори ММША мебошад, ки барои ҳама дастрасанд. Ба роҳ мондани робитаи дуҷониба байни ММША ва истифодабарандагони хизматрасониҳои он муҳим аст (қарори Ҳукумати ҶТ аз 27.04.2015 № 238).

Дар маҷмӯъ навсозӣ ва таҷҳизонидани техникии мақомоти меҳнат ва шуғл зарур мебошад. Фаъолияти худи ВМҲИА, Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти давлатии назорат дар соҳаи меҳнат, шуғл ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва Хадамоти давлатии ташхиси тиббию иҷтимоии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд бо истифодаи

имкониятҳои техникии муосир ба роҳ монда шавад (қарори Ҳукумати ҶТ аз 27.04.2015 № 238).

Дар ин замина бояд фазои иттилоотии ягона ва фаъол оид ба мубодилаи маълумот байни сохторҳои мухталиф оид ба меҳнат ва шуғл, инчунин бо дигар идораҳои манфиатдор (Кумитаи андоз, системаи маориф, ВРИС ва ғайра) таъсис дода шавад.

2. *Ташаккулдиҳии системаи таҳлил ва дурнамои бозори меҳнат, таҳкими омори меҳнат.*

Барои ташаккул додани сиёсати самараноки рушди бозори меҳнат дар ихтиёр доштани маълумоти боэътимод ва таҳия карда тавонистани дурнамоҳо барои мӯҳлатҳои мухталиф зарур мебошад. Барои ин, дар амалияю таҷрибаи ҷаҳонӣ усулҳои мухталиф таҳия карда шудаанд. Вале, ҳанӯз дар Тоҷикистон ин усулҳо нокифоя истифода мегарданд ва бинобар ин, таҳия намудани дурнамоҳои боэътимод ва андешидани тадбирҳо оид ба татбиқи самараноки сиёсат пурра имконпазир нест. Тамоми сиёсат дар бозори меҳнат дар асоси вазъи воқеӣ сохта мешавад, ки метавонад таҳти таъсири омилҳои гуногун хеле зуд тағйир ёбад. Дурнамои вазъро пешбинӣ карда натавонистан боиси он мешавад, ки сиёсати давлатии бозори меҳнат заиф ва ғайри фасеҳ мегардад.

Бинобар ин, барои ташаккул додани системаи таҳлил ва дурнамои бозори меҳнат, таҳкими омори меҳнат системаи *дурнамои* демографӣ, усулҳои *дурнамои* кӯтоҳмӯҳлат, миёнамӯҳлат ва дарозмӯҳлати бозори меҳнат таҳия ва ҷорӣ карда мешаванд. Барои ин дастурҳои методӣ таҳия карда мешаванд ва омӯзонидани кормандони хадамот ва мақомоти дахлдор ташкил карда мешавад. Муайян намудани нақш ва ҷойи ҳар як идора дар ташаккулдиҳии системаи дурнамо муҳим аст.

Дар ВМҲИА бояд воҳиди сохтории махсус (ҳадди ақал иборат аз 3 нафар) барои таҳияи дурнамоҳои демографӣ ва банақшагирии захираҳои инсонӣ (меҳнатӣ) таъсис дода шавад.

Дар кишвар бояд системаи пешбурди ҳатмии баҳисобгирӣ барои ҳама шаклҳои шуғле, ки қонунгузорӣ пешбинӣ намудааст, ба роҳ монда шавад. Дар соҳаи кишоварзии мамлакат хоҷагиҳои деҳқонӣ тараққӣ ёфта истодаанд, вале омори дақиқ оид ба аҳолии дар ин соҳа машғули кор буда дастрас нест. Дар ҳама намуди хоҷагиҳои деҳқонӣ омори шуғл бояд ба роҳ монда шавад. Ин таҳия намудани механизми дақиқи ҷамъоварӣ ва коркарди маълумотҳо, баланд бардоштани сатҳи масъулият барои эътимоднокии иттилоотӣ дар ҳама сатҳҳо пешниҳодшавандаро тақозо менамояд. Ҳамчунин системаи омори шуғл бояд бо омори субъектҳои

андозбандӣ ва суғуртаи иҷтимоӣ мунтазам муқоиса карда шавад. Яъне, вақте ки дар бораи афзоиши ҳаҷми истеҳсолот, ягон намуди маҳсулот сухан меравад, он гоҳ ин афзоиш бояд бо далели пардохти андозҳои меҳнатӣ ва ҳиссаҷудокуниҳо ба системаи суғуртаи иҷтимоӣ вобаста карда шавад.

Ҳамчунин ҳангоми пешниҳоди иттилоот оид ба ҷойи кории нави таъсисдодашуда бояд ҳама андозҳо ва пардохтҳои иҷтимоӣ пардохт шуда бошанд. Чунин бархӯрд бояд аз сатҳи ноҳиявӣ ва шаҳрӣ сар карда, истифода гардад ва баъдан дар сатҳи вилоятию ҷумҳуриявӣ ҷамбаст карда шавад. Ба ин низом бояд мақомоти андоз, мақомоти омор, мақомоти шуғл дастрасӣ дошта бошанд.

Дар кишвар, аз соли 2014 оғоз карда, мақомоти омор ҳар сол Тадқиқоти қувваи кориро (ТҚК) бо фарогирии ҳатмии масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ ва таҳсилоти калонсолон бояд анҷом диҳанд. Дар ТҚК-ҳое, ки ҳоло гузаронида мешаванд, маълумот оид ба муҳоҷирати меҳнатӣ ҷамъ оварда мешавад ва ин фаъолият такмил меёбад. Лекин маълумот оиди таҳсилоти калонсолон (иштироки аҳолии синни 25-64 сола дар намудҳои гуногуни таҳсилоти расмӣ ва ғайрирасмӣ) ҷамъ карда намешавад. Таҷрибаи Иттиҳоди Европа ва давлатҳои дигар нишон медиҳад, ки ба роҳ мондани ин фаъолият барои таҳлил ва таҳияи сиёсат дар самти истифодаи самараноки захираҳои инсонӣ хеле муфид аст.

Барои ин ҳар сол аз буҷети давлатӣ ҷудо намудани маблағҳои мақсаднок зарур мебошад. Таъмин намудани мақомоти омор бо кадрҳои дахлдор ва иқтидорҳои техникӣ барои коркарди ҳарчи зудтари маъмулотҳо ва нашри натиҷаҳои тадқиқот басо муҳим аст. Дар оянда ба Тадқиқоти ҳар семоҳаи қувваи корӣ гузаштан зарур мебошад.

3. *Такмилдиҳии системаи ҳифзи меҳнат барои ҳавасмандгардонии корфармоён ба иштироки фаъолона дар бозори меҳнат.*

Системаи ҳифзи меҳнат дар Тоҷикистон бархурдҳо ва усулҳои ҳалли аз иқтисоди нақшавии солҳои ҳаштодуми асри гузашта боқимондаро ба мерос гирифтааст. Гарчанд дар соли 2009 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи меҳнат» дар таҳрири нав қабул карда шуда бошад, ҳанӯз бархурдҳо оид ба пардохти ҷубронпулиҳо дар ҳолати расидани зиён боқӣ мондаанд ва ба пешгирии ҷароҳатбардорӣ дар истеҳсолот таваҷҷӯҳи камтар зоҳир карда мешавад. Меъёрҳои амалкунанда барои корфармои ба қонун итоаткунанда гарон мебошанд.

Аз ҷониби дигар Хадамоти мавҷудбудаи назорат дар соҳаи меҳнат, шуғл ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ бо шумораи маҳдуди кормандон ба корҳои гуногунсоҳаи аз ҳад зиёд машғул аст. Аслан дар ин хадамот бояд мутахассисоне кор кунанд, ки дар истеҳсолот таҷрибаи корӣ доранд, қонунгузорӣ оид ба меҳнат, оид ба шуғл, оид ба таъмини нафақа, оид ба ҳифзи меҳнат, оид ба ҳифзи ҳуқуқи кӯдакро донанд. Ғайр аз ин, масъалаҳои меҳнат ва ҳифзи он чунин гунгунпаҳлӯ ҳастанд, ки бояд доир ба онҳо Нозироти махсуси меҳнат вуҷуд дошта бошад. Масъалаҳои назорати иҷрои қонунгузории нафақа бояд ба Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон супурда шаванд, ки он ҳангоми ҷорӣ

кардани системаи нафақаҳои суғуртавӣ ба дуруст таъин гардидани нафақаҳо манфиатдор хоҳад буд (қарори Ҳукумати ҶТ аз 27.04.2015 № 238).

Дар сатҳи ИДМ бархурди нав қабул шудааст, ки ба стандартҳои ГОСТи 12.03.230-2007 асос ёфтааст. Стандарти мазкур ба принсипҳои дар Дастурамали ТБМ оид ба системаҳои идоракунии ҳифзи меҳнати ТБМ-СИБМ-2001 мувофиқат мекунад. Бархурди асосӣ нисбати мушкилоти ҳифзи меҳнат дар стандартҳои байналмилалӣ – ин таваҷҷӯҳ ба пешгирии ҷароҳатбардорӣ ва бемориҳои касбӣ, кам кардани хавфҳо ва ҷорӣ намудани принсипи суғуртакунӣ аз ҳодисаҳои нохуш дар истеҳсолот мебошад. Чунин бархурд барои Тоҷикистони имрӯза басо муҳим мебошад, он имкон медиҳад, ки бори гарони корфармоён сабук карда шавад, механизми ҳифзи ҳуқуқи кормандон тақвият бахшида шуда сатҳи ҷароҳатбардорӣ пешгирӣ карда шавад.

Бинобар ин, барои такмилдиҳии системаи ҳифзи меҳнат барои ҳавасмандгардонии корфармоён ба иштироки фаъолона дар бозори меҳнат таҳия намудани бархурдҳои нав дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба ҳифзи меҳнат, ки ба Стандарти байналмилалии ГОСТ 12.03.230-2007 ва ба принсипҳои Дастурамали ТБМ оид ба системаҳои идоракунии ҳифзи меҳнати ТБМ-СИБМ-2001 асос ёфтаанд, зарур мебошад. Дар ин васила, бояд Консепсияи сохтори нави миллии бехатарӣ ва ҳифзи меҳнат, аз ҷумла барномаи миллии ҳифзи меҳнат таҳия шуда, қонунгузорӣ дар асоси стандартҳои ТБМ оид ба ҳифз ва бехатарии меҳнат такмил дода шавад.

Дар системаи ҳифзи меҳнат бояд принсипи суғуртакунӣ ва дар сатҳи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ намуди нави суғуртаи ҳатмии иҷтимоӣ аз ҳодисаҳои нохуш дар истеҳсолот ҷорӣ карда шавад.

Бояд Нозироти давлатии меҳнат барқарор карда шавад, ки вазифаи назорати иҷрои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба меҳнат, оид ба ҳифз ва шароити меҳнатро иҷро намояд, шуғли ба қайд гирифтанашуда ва сӯиистифодаи меҳнати кӯдаконро ошкор намояд. Иқтидорҳои нозироти мазкур бояд аз ҳисоби васеъ намудани ҳайати кормандон ва ташкили омӯзиши онҳо, баланд бардоштани сатҳи тахассусиашон ва таҷҳизонии техникӣ тақвият бахшида шавад.

Якҷоя бо шарикони сеҷониба тадбирҳо оид ба иттилоотонӣ ва омӯзонидани корфармоёни нав ва марҳила ба марҳила ҷорӣ намудани принсипҳои нави ташкили системаи ҳифзи меҳнат дар истеҳсолоти мухталиф татбиқ карда мешаванд.

Пурзӯр намудани фаъолият оид ба аз байн бурдани шаклҳои бадтарини меҳнати кӯдакон зарур мебошад. Дар робита ба ин, муайян намудани вазорати масъул барои таҳия ва пешбурди сиёсати мазкур муҳим мебошад. Тибқи талаботи Конвенсияи №182 ТБМ, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онро ба тасвиб расонидааст, таҳия ва қабул намудани Нақшаи миллии амалиёт оиди аз байн бурдани шаклҳои бадтарини меҳнати кӯдакон зарур мебошад.

4. *Ҳифзи бозори меҳнати дохилӣ.*

Тоҷикистон бештару бештар бо мушкилоти ҳифзи бозори дохилии меҳнат аз ғасби қувваи кории нисбатан арзонтар ва дорои тахассуси ғайрикофӣ аз давлатҳои ҳамсарҳад рӯ ба рӯ мегардад. Муҳоҷират аз дигар кишварҳо бо мақсади шуғл дар Тоҷикистон нисбат ба муҳоҷирати шаҳрвандони Тоҷикистон дар ҷустуҷӯи кор ба хориҷи кишвар хеле камтар аст. Бинобар ин, ноил гардидан ба истифодаи самараноктари қувваи корӣ ва андешидани тадбирҳо оид ба ҳифзи бозори меҳнати маҳаллӣ зарур мебошад. Таҷдиди назар намудани сиёсати кунунӣ ва низоми додани иҷозатномаҳои корӣ ва иҷозатномаҳо барои истиқомат бо мақсади шуғл ва мутобиқати онҳо ба талаботи бозори меҳнати Тоҷикистон зарур мебошад. Бояд ба ҳамгироии муҳоҷирони берунӣ дар ҷомеа, чӣ гуна ин муяссар мегардад ва ҷомеа саҳми онҳоро дар баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ дар кишвар чӣ гуна арзёбӣ менамояд, таваҷҷӯҳ зоҳир карда шавад. Дар такмилдиҳии сиёсати муҳоҷират аз берун бояд манфиатҳои кишвар риоя карда шаванд, сиёсат бояд аз рӯи принсипҳои миллӣ, мазҳабӣ ва этникӣ набошад, ҳамчунин бояд иқтидори зарурии сохторҳо барои таъмини идоракунии самараноки татбиқи сиёсат нигоҳ дошта шавад.

Дар кишвар системаи иҷозатномадиҳӣ ҳангоми ҷалби қувваи кории хориҷӣ таъсис дода шудааст, ки танҳо дар ҳолати кирояи қувваи корӣ татбиқшаванда аст. Вале ҳолатҳои бидуни кироя кор кардани шаҳрвандони хориҷӣ дар Тоҷикистон дар сатҳи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҳал карда нашудаанд. Аз ин камбудии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ соҳибкорони хитоӣ ва сохтмончиёни ӯзбек истифода мекунанд, ки ба соҳаи шуғли ба қайд гирифтанашуда шомил мегарданд. Дар натиҷа аз соҳаи худиштиғолии ба қайд гирифташуда қисман шаҳрвандони Тоҷикистонро берун мекунанд ва онҳо маҷбур мешаванд барои ҷустуҷӯи кор ба хориҷи кишвар сафар кунанд. Ѓайр аз ин, шаҳрвандони хориҷие, ки дар Тоҷикистон кор мекунанд, водор карда намешаванд, ки забони давлатиро омӯзанд, ва ин ҳолат ба соҳаи хизматрасонӣ (савдо) таъсири манфӣ мерасонад. Молҳои хориҷие, ки ба Тоҷикистон ворид карда мешаванд, ба забони давлатӣ дастурамал ва тавзеҳот надоранд. Ҳамаи ин амалҳо аслан боиси поймол шудани ҳуқуқи истеъмолкунандагон дар кишвар мегардад.

Ин мушкилот ҳалли ҳарчи зудтарро талаб мекунад ва бинобар ин, масъалаи ҳифзи бозори меҳнати дохилӣ барои Тоҷикистони имрӯза хеле шадид мебошад.

Дар ҳалли масъалаи муҳоҷирати қонунӣ бояд инҳо истифода карда шаванд:

принсипи санҷиши бозори меҳнат, яъне қувваи корӣ аз дигар кишварҳо танҳо ба ҷойҳои кории озоди мавҷудбуда қабул карда мешавад;

- дар сурати ҳалли мушкилоти камбуди қувваи корӣ аз рӯи касбҳои муайяне, ки Ҳукумати кишвар муқаррар мекунад (дар асоси ҳуҷҷатҳои банақшагирии сиёсат ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ), санҷиши бозори меҳнат гузаронида намешавад;
- амалияи бастани шартномаҳои дуҷониба ё бисёрҷониба.

Дар татбиқи бархурдҳои мазкур бояд системаи квотаҳо ҳарчи дақиқтар ва мулоҳизакорона истифода карда шаванд, ҳамасола миқдори ҳадди аксари қувваи кории қабулшаванда муайян карда шавад.

Сиёсати муҳоҷират бояд бозори меҳнати дохилиро ҳимоя кунад, хусусан аз ҷараёни вуруди қувваи кории пастихтисос.

Бинобар ин, барои таъсис додани механизми самараноки ҳифзи бозори дохилии меҳнат ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ тағйирот ворид карда мешавад ва механизми ҷалби қувваи кории хориҷӣ бо дарназардошти талаботи воқеӣ ба ҷойҳои нави кории озод барои қувваи корӣ аз Тоҷикистон муайян карда мешавад. Бархурди асосӣ бояд далели пешниҳоди воқеии ҷойҳои кории озод ба воситаи ММША барои қувваи кории маҳаллӣ ва дар сурати талабот надоштани он додани иҷозат барои ҷалби коргарони хориҷӣ бошад (қарори Ҳукумати ҶТ аз 27.04.2015 № 238).

Ҳамчунин меъёрҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба ташкили фаъолияти соҳибкории шаҳрвандони хориҷӣ дар Тоҷикистон танҳо дар асоси шахси ҳуқуқӣ таҳия карда мешаванд. Дар маҷмӯъ тафтиши қонунгузорӣ оид ба шуғл ва муҳоҷират дар қисмати ҷорӣ намудани меъёрҳои ҳифзи бозори меҳнати дохилӣ гузаронида мешавад. Дар робита ба ин, таҷрибаи байналмилалӣ низ омӯхта хоҳад шуд.

Барои ҳимояи бозори дохилӣ меъёри ҳатмии омӯзиши забони давлатӣ барои чунин соҳаҳои шуғл, ба монанди савдо ва хизматрасонӣ, тиб, омӯзгорӣ ва дигар соҳаҳои вобаста ба кор бо истеъмолкунандагон ҷорӣ карда мешавад. Дар робита ба ин, бояд сатҳи дониши забони давлатӣ барои ҳама шахсон, инчунин барои шаҳрвандони хориҷӣ низ вобаста ба намуди шуғл муайян карда шавад. Таъсис додани шабакаи дастрас оид ба омӯзиши забони давлатӣ, аз ҷумла дар курсҳои кӯтоҳмуддати пулакӣ, муҳим аст. Омӯзиш бояд сифатнок бо баҳодиҳии ҳатмии давлатии донишҳо ба роҳ монда шавад.

Ѓайр аз ин, меъёри ҳатмии ба забони давлатӣ тавзеҳот доштани ҳама молҳои воридшавандаи ниёзи мардум ҷорӣ карда мешавад. Ин имкон медиҳад ҳамчунин афзоиши шуғл барои шумораи муайяни тарҷумонҳо, бахши маориф ва нашрияҳо таъмин карда шавад, инчунин дар ҳимоя намудани бозори дохилӣ аз воридоти молҳои пастсифат кӯмак мерасонад.

5. *Баланд бардоштани нақши мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар рушди бозори меҳнат.*

Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ" мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои татбиқи сиёсати шуғл дар сатҳи минтақавӣ (ноҳиявӣ, шаҳрӣ ва вилоятӣ) масъул мебошанд. Вале амалия нишон медиҳад, ки дар асл нақши ин мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ дар доираи тасдиқи расмиятии барномаҳои минтақавии мусоидат ба шуғл ва чорабиниҳои маҳаллӣ маҳдуд аст. Сиёсати иқтисодӣ ва молиявӣ бо масъалаҳои шуғл ва пешбурди фаъолонаи сиёсат дар бозори меҳнат хеле заиф вобаста карда шудааст. Тавре ки таҳлил нишон дод, ин вазъият бо сабаби паст будани сатҳи дониши касбии роҳбарон ва кормандони

мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба вуҷуд омадааст, чун ки то ҳол касе бо масъалаҳои омӯзонидани кадрҳо дар сатҳи маҳаллӣ оид ба танзими бозори меҳнат машғул нашудааст.

Бинобар ин, барои баланд бардоштани нақши мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар танзими бозори меҳнат ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба шуғл дар қисмати баланд бардоштани сатҳи иштироки мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар танзими бозори меҳнат ва ҳалли проблемаҳои шуғл дар сатҳи маҳаллӣ тағйироту тасҳеҳот ворид карда мешаванд. Баъдан маводҳои таълимӣ ва иттилоотӣ оид ба масъалаҳои иштироки мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо дар танзими сиёсати бозори меҳнат дар сатҳи маҳаллӣ таҳия карда мешаванд.

ВМҲИА барои таҳияи барномаҳои минтақавии мусоидат ба шуғл дар сатҳи маҳаллӣ кӯмаки методӣ мерасонад. Дар заминаи Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон курсҳои доимӣ оид ба омӯзонидани кормандони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ доир ба масъалаҳои батанзимдарории бозори меҳнат ва иштирок дар ташаккулдиҳии сиёсати шуғл таъсис дода мешаванд.

## § 4. Афзалияти 4. Рушди шарикии иҷтимоӣ ва ҷалби ҷомеаи шаҳрвандӣ ба ҳалли мушкилоти бозори меҳнат

1. *Баланд бардоштани нақши шарикони иҷтимоӣ дар рушди бозори меҳнат.*

Таҳлили вазъ нишон дод, ки гарчанде дар Тоҷикистон заминаи меъёрии ҳуқуқӣ ва механизми рушди шарикии иҷтимоӣ таъсис дода шуда бошад ҳам, вале дар амал шарикии иҷтимоӣ нокифоя фаъолият дорад.

Рушди шарикии иҷтимоӣ дар соҳаи меҳнат масъулияти давлатро хеле сабук менамояд ва самараноктар ҳал намудани мушкилоти меҳнатиро дар сатҳи минтақавӣ ва дар сатҳи корхона имконпазир менамояд.

Бинобар ин, барои баланд бардоштани нақши шарикии иҷтимоӣ дар рушди бозори меҳнат ҷорӣ намудани принсипи баҳисобгирии ҳатмии фикру мулоҳизаҳои Комиссияи сеҷониба оид ба танзими муносибатҳои иҷтимоии меҳнатӣ ҳангоми баррасии лоиҳаҳои қонунҳо ва барномаҳо аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур мебошад.

Мунтазам доир намудани ҷаласаҳои Комиссияи сеҷониба оид ба танзими муносибатҳои иҷтимоии меҳнатӣ дар сатҳи миллӣ зарур мебошад.

Дар Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон имконияти таъсис додани Шӯъбаи (ё бахши) рушди шарикии иҷтимоиро баррасӣ намудан зарур аст, ки он бояд вазифаи котибот оид ба ташкили фаъолияти Комиссияи сеҷонибаи танзими муносибатҳои иҷтимоии меҳнатиро иҷро кунад, корҳоро бо шарикони иҷтимоӣ, иттиҳодияҳои касбӣ ва ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ таъмин намояд.

Ташкил намудани кори воқеии Кумитаи ҷумҳуриявии сеҷонибаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ, таҷдиди назар намудани ҳайати он бо дарназардошти талаботи иштироки баробари ҳамаи се тарафҳо зарур мебошад. Кори кумитаҳои минтақавии мусоидат ба шуғл таҷдиди назар карда мешавад. Дар кумитаҳои мазкур ҳамчунин механизми ротатсияи кадрҳои роҳбарикунанда ҷорӣ карда мешавад.

Ҳамчунин бояд дар асоси доимӣ кор оид ба омӯзонидан ва иттилоотонии мақомоти тафтишкунанда ва ташкилотҳои шарикони иҷтимоӣ дар таъмини шарикии иҷтимоӣ ташкил карда шавад. Ѓайр аз ин, тадбирҳо оид ба баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ ва омӯзонидани шарикони иҷтимоӣ аз рӯи шаклҳо ва афзалиятҳои муколамаи иҷтимоӣ, ташкили машваратҳо ва фаъолияти тиҷорат, иштироки кормандон дар шартномаҳои коллективӣ ва робитаҳо дар дохили ширкат таҳия карда мешаванд. Дар робита ба ин дар ВМҲИА кулан таҷдиди назар кардани фаъолияти шӯъбае, ки бо рушди шарикии иҷтимоӣ машғул аст, зарур мебошад, ки он ба таври доимӣ бо масъалаҳои дар боло зикргардида бояд машғул шавад ва тамоми корҳоро оид ба рушди шарикии иҷтимоӣ дар соҳаи меҳнат ҳамоҳанг созад.

Барои рушд додан ва истифодаи принсипҳои шарикии иҷтимоӣ дар сатҳи корхонаҳо барои шарикони иҷтимоӣ олоти алоҳида ҷиҳати нишон додани афзалиятҳои ҷалб ва иштироки коргарон – ҳамчун иқдом ба сӯи муносибатҳои самарабахши меҳнатӣ таҳия карда мешавад.

Ба санадҳои қонунгузорӣ ворид намудани муқаррарот оид ба шартномаҳои коллективӣ ва таъсис додани механизми пешбурди баҳисобгирии омории шартномаҳои коллективӣ зарур аст. Ташаккул додани Феҳристи баҳисобгирии шартномаҳои коллективӣ муҳим мебошад.

2. *Ҷалби ҳарчи васеътари ҷомеаи шаҳрвандӣ ба ҳалли мушкилоти бозори меҳнат.*

Амалия нишон дод, ки мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар назди ҷомеа дар бораи кори анҷомдода ва сиёсати ба роҳ мондашаванда дар бозори меҳнат ҳисобот намедиҳанд. Ҳуҷҷатҳои барномавӣ ва қонунҳои таҳияшаванда мавриди муҳокимаи аҳли ҷомеа қарор дода намешаванд.

Дар маҷмӯъ, ҳангоми таҳия ва татбиқи сиёсат дар бозори меҳнат ва дар соҳаи шуғл афкори умум ҷамъ карда намешавад.

Бинобар ин, барои ҷалби ҳарчи бештари ҷомеаи шаҳрвандӣ ба ҳалли мушкилоти бозори меҳнат ба фаъолияти ММША принсипи иттилоотонии доимии аҳолӣ дар бораи вазъи бозори меҳнат ва тадбирҳои амалишаванда, ҳам дар сатҳи миллӣ ва ҳам дар сатҳи минтақавӣ ҷорӣ карда мешавад. Ҳар сол ҳисоботи ММША дар бораи вазъ дар бозори меҳнат нашр карда мешавад (қарори Ҳукумати ҶТ аз 27.04.2015 № 238).

Дар амалияи кори мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ принсипи ташкили муҳокимаи ҷамъиятии лоиҳаҳои ҳуҷҷатҳои нав ҷорӣ карда хоҳад шуд. Ҳисоботи мақомоти давлатии сатҳҳои мухталиф дар назди

ҷомеа оид ба кори анҷомдода, оид ба сиёсати амалишаванда ва оид ба нақшаҳои оянда интишор карда мешаванд.

Механизми ҷамъоварии афкори умум оид ба сиёсати дар бозори меҳнат амалишаванда, ҳам дар сатҳи миллӣ ва ҳам дар сатҳи минтақавӣ таъсис дода мешавад. Ҷамъоварии афкори умум аз тариқи ҳамагуна воситаҳои барои аҳли ҷомеа дастрасбуда – аз тариқи почта, муроҷиат, Интернет, пурсишҳои сотсиологӣ ва ғайра ташкил карда хоҳад шуд.

Ҷузъи ҷудонопазири Стратегия Нақшаи татбиқи он мебошад (Замимаи 1). Дар доираи Нақшаи мазкур барои ҳама вазифаҳо нишондиҳандаҳои ноил гардидан ба натиҷаҳои сиёсат, мӯҳлатҳо ва шахсони масъул, нишондиҳандаҳои арзёбӣ ва дурнамои эҳтиёҷот ба маблағгузорӣ муайян карда шудаанд.

## 6. ТАТБИҚ, ҶОРӢ НАМУДАН ВА МОНИТОРИНГИ СТРАТЕГИЯ

Барои таъмини ҳамоҳангӣ ва назорати иҷрои вазифаҳо ва чорабиниҳои Стратегия, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Шӯрои роҳбарикунанда таъсис медиҳад.

Ба Шӯрои роҳбарикунанда ҳамоҳангсоз оид ба ҷорӣ ва назорат намудани иҷрои Стратегия – Вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад, сарварӣ мекунад. Ба ҳайати Шӯрои роҳбарикунанда намояндагони Дастгоҳи Иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовинони вазирони масъули иҷрои вазифаҳо ва чорабиниҳои алоҳидаи Стратегия – муовини Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини Вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини Вазири кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини Директори Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳбарони мақомоти минтақавии ҳокимияти давлатӣ, намояндагони шарикони иҷтимоӣ – Иттиҳодияи корфармоёни Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ассосиатсияи миллии слҳибкории хурду миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон ва намояндагони дигар ташкилоту идораҳои манфиатдор дохил мешаванд (қарори Ҳукумати ҶТ аз 27.04.2015 № 238).

Вазифаҳои Шӯрои роҳбарикунанда:

- ҳамоҳангсозии иҷрои вазифаҳо ва чорабиниҳои Стратегия, дар мавриди зарурӣ ба иҷрои онҳо ҷалб намудани дигар идораҳои давлатӣ ва коршиносони мустақил;
- назорат намудани ҷараёни иҷрои Стратегия (аз ҷумла истифодаи маблағҳои буҷети давлатӣ);
- пешниҳод намудани ҳисоботи иттилоотӣ (солона, фосилавӣ ва

хотимавӣ) оид ба ҷараёни татбиқи Стратегия ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- хабардорсозии ҷомеа аз вазифаҳо ва чорабиниҳои иҷрошудаи Стратегия ва натиҷаҳои ноилгардида.

Шӯрои роҳбарикунанда соле на камтар аз ду маротиба ҷамъ мешавад. Вазифаи котиботи Шӯрои роҳбарикунандаро намояндаи Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо фармони Вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолииҶумҳурии Тоҷикистон таъин карда мешавад, иҷро менамояд.

Гурӯҳи кории машваратӣ вазифаҳои зеринро иҷро менамояд:
- таҳия намудани маводхо оид ба иҷрои Стратегия;
- таҳия намудани пешниҳодхо оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Стратегия, ки ба ноил гардидан ба мақсадҳои гузошташуда мусоидат мекунанд;
- таҳия намудани дархост барои маблағҳои буҷети давлатӣ;
- таҳия намудани ҳисоботи иттилоотӣ барои баррасӣ дар Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Ба Гурӯҳи кории машваратӣ муовини Вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолииҶумҳурии Тоҷикистон, ки масъули масъалаҳои меҳнат мебошад, роҳбарӣ мекунад. Ба ҳайати Гурӯҳи кории машваратӣ намояндагони ҳамаи вазорату идораҳо ва ташкилотҳои барои иҷроиши чорабиниҳои Стратегия масъулбуда ва Шарикони иҷтимоӣ дохил мешаванд.

Гурӯҳи кории машваратӣ соле на камтар аз ду маротиба ҷамъ мешавад. Вазифаи котиботи Гурӯҳи кории машваратиро намояндаи Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо фармони Вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолииҶумҳурии Тоҷикистон таъин карда мешавад, иҷро менамояд

Вазорату идораҳое, ки барои иҷрои вазифаҳо ва чорабиниҳои Стратегия масъул мебошанд, сохторҳои дохилӣ таъсис медиҳанд, ки ноилгардӣ ба мақсадҳои гузошташударо таъмин мекунанд.

Барои арзёбӣ намудани иҷрои вазифаҳо ва чорабиниҳои Стратегия вазорату идораҳои масъул ҳар сол ба ҳамоҳангсоз оид ба ҷорӣ ва назорат намудани иҷрои Стратегия – Вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, оид ба ҷараёни иҷрои Стратегия иттилоот пешниҳод мекунад (қарори Ҳукумати ҶТ аз 27.04.2015 № 238).

Иттилоот оид ба ҷараёни иҷрои Стратегия соле як маротиба, то 1 марти соли баъд аз соли ҳисоботӣ, ба баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

Барои арзёбии иҷрои вазифаҳо ва чорабиниҳо истифода намудани яке аз марҳилаҳои дар поён зикргардидаи арзёбии иҷро пешниҳод карда мешавад:
- "Оғоз нагардидааст" – агар чорабинӣ бо ягон сабаб оғоз нагардида

бошад ё ҳанӯз оғози мӯҳлати иҷрои чорабинӣ тибқи нақшаи муқарраргардида фаро нарасида бошад;
- "Дар ҷараён" – агар чорабинӣ оғоз гардида бошад, вале аз рӯи мӯҳлат набояд анҷом ёфта бошад;
- "Иҷро шуд" – агар чорабинӣ пурра ва дар мӯҳлатҳои муқарраргардида иҷро шуда бошад;
- "Бо таъхир иҷро шуд" – агар чорабинӣ пурра иҷро шуда бошад, вале дертар аз мӯҳлатҳои муқарраргардида;
- "Қисман иҷро шуд" – агар чорабинӣ дар ҳаҷми пурра иҷро нашуда бошад, вале татбиқи он лозим нест, ё ки дар ҳаҷми пурра иҷро нашудааст, вале иҷрои он бояд идома дода шавад;
- "Кашол меёбад" – агар чорабинӣ ҳанӯз ҷараён дошта бошад, вале мӯҳлати муқарраргардидаи иҷрои он гузашта бошад;
- "Қатъ карда шуд" – агар чорабинӣ алакай оғоз гардида бошад, вале бо сабаби ягон амал ё қарори Ҳукумат қатъ карда шуда бошад.

Агар ҳолати чорабинӣ ҳамчун "Оғоз нагардидааст", "Бо таъхир иҷро шуд", "Қисман иҷро шуд", "Кашол меёбад" ё "Қатъ карда шуд" зикр гардида бошад, - вазорату идораҳои масъул бояд дар бораи сари вақт иҷро нагардидани вазифаҳои гузошташуда асоснокӣ пешниҳод намоянд.

Баъд аз 5 соли татбиқи Стратегия (баъди соли 2015), ҳамоҳангсоз оид ба ҷорӣ ва назорат намудани иҷрои Стратегия таҳияи ҳисоботи фосилавии иҷрои Стратегияро бо арзёбии ноилгардии мақсадҳои гузошташуда, бо пешниҳодҳо оид ба тасҳеҳи вазифаҳои гузошташуда ва нишондиҳандаҳои арзёбии муваффақиятҳо ташкил мекунад.

Ҳисоботи фосилавии иҷрои Стратегия то 1 июли соли 2016 ба баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

Баъди татбиқи Стратегия (охири соли 2020), ҳамоҳангсоз оид ба ҷорӣ ва назорат намудани иҷрои Стратегия таҳияи ҳисоботи хотимавии иҷрои Стратегияро бо арзёбии ноилгардии мақсадҳои гузошташуда, бо арзёбии иҷрои нишондиҳандаҳо ташкил мекунад.

Ҳисоботи хотимавии иҷрои Стратегия то 1 июли соли 2021 ба баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

Мониторинг ва арзёбӣ.

Принсипҳои асосии мониторинг ва арзёбии (МваА) Стратегия инҳоянд: таъмини арзёбии мустақил, шаффофият ва ҳисоботдиҳӣ, тамоюл доштан ба натиҷаҳо ва афзалиятҳои Стратегия, истифодаи маълумотҳои омори расмӣ, усулҳои ҳарчи муосиртари мониторинг, ҷалби ҳама тарафҳои манфиатдор ба ҷараёни мониторинг ва арзёбӣ, инчунин ба роҳ мондани робитаи зич ва доимӣ байни қарорҳои қабулшаванда ва натиҷаҳои татбиқи амалии онҳо.

Ҳар як нишондиҳанда бо дарназардошти он таҳия гардидааст, ки он:
- пурра масъалаеро, ки ба он мансуб аст, инъикос менамояд;
- иттилооти зарурири оид ба амалҳои ба нақша гирифташуда пешниҳод менамояд ва шарҳу эзоҳи якмаънӣ дорад;

- мафҳумҳои меъёрии дақиқ ва умумиэътирофгардида дорад;
- хароҷоти аз ҳад зиёдро талаб намекунад.

Барои арзёбии нишондиҳандаҳо манбаъҳои зерин истифода карда мешаванд:

- маълумоти оморӣ;
- маълумотҳои маъмурӣ;
- маълумотҳои таҳлилӣ (ҳисобӣ);
- тадқиқотҳои мушаххас.

Нишондиҳандаҳои таҳияшуда имкон медиҳанд самаранокӣ ва маҳсулнокии чорабиниҳои сиёсат, ки дар Стратегия зикр шудаанд, пайгирӣ карда шаванд.

Се навъ нишондиҳандаҳои асосии МваА, ки инҳоро инъикос ва нишон медиҳанд, истифода карда мешаванд:

- макро таъсир ва натиҷаҳои сиёсати дарозмӯҳлат;
- натиҷаҳои сиёсати миёнамӯҳлат ва кӯтоҳмӯҳлат;
- натиҷаҳои амалҳои кӯтоҳмӯҳлат.

Тавсифи нишондиҳандаҳо дар Замимаи 3 оварда шудааст.

Нишондиҳандаҳои натиҷаҳо:

Нишондиҳандаҳои муваффақиятҳо (ҷамъбастҳо) – Нишондиҳандаи натиҷаҳои макро таъсир;

Нишондиҳандаҳои муваффақиятҳо (натиҷаҳо) – Нишондиҳандаи натиҷаҳои сиёсат;

Нишондиҳандаҳои маблағгузориҳо (саҳмҳо) ва Натиҷаҳои муваффақиятҳо – Нишондиҳандаи натиҷаҳои амалҳо.

Тавсифи нишондиҳандаҳои натиҷаҳо дар Замимаи 2 оварда шудааст.

МваА-и Стратегия дар асоси нишондиҳандаҳо ва чорабиниҳое, ки дар доираи Нақшаи татбиқи Стратегия амалӣ мегарданд, анҷом дода мешавад.

МваА дар доираи Стратегия дар сатҳи умумимиллӣ анҷом дода мешавад.

Дар баробари мониторинги танзими нишондиҳандаҳо ва чорабиниҳои асосии Нақшаи татбиқи Стратегия, ҳамчунин истифодаи намудҳои мухталифи тадқиқот бо супориши Шӯрои роҳбарикунанда низ имконпазиранд.

Натиҷаҳои чунин тадқиқотҳо ҳангоми арзёбӣ намудани татбиқи Стратегия ба эътибор гирифта мешаванд ва ба ҳисоботи солона оид ба татбиқи онҳо дохил карда мешаванд.

Таҳлили иттилооте, ки дар ҷараёни мониторинг ҷамъоварӣ шудааст ва гузаронидани арзёбии сиёсат дар доираи Стратегия аз ҷониби ҳама иштироккунандагони раванди мониторинг ва арзёбӣ, ки барои татбиқи Стратегия масъуланд, анҷом дода мешавад.

Натиҷаҳои таҳлил ва арзёбӣ дар шакли ҳисоботҳои ҳарсола оид ба ҷараёни татбиқи Стратегия, ки дар онҳо таҳлили проблемаҳои ҷойдошта ва пешниҳодҳо оид ба тасҳеҳи он самтҳои сиёсат, ки таҳлил зарурати онҳоро

нишон медиҳад, инчунин пешниҳодҳо оид ба паҳн кардани таҷрибаи мусбӣ мавҷуданд, ҷамъбаст карда мешаванд. Ин ҳисоботҳо бояд дар мӯҳлатҳое пешниҳод карда шаванд, ки имкон медиҳанд, иттилооти дар онҳо мавҷудбуда пурра истифода бурда шавад.

Системаи интишори (паҳн намудани) иттилоот робитаи мунтазами мутақобила бо ҳама тарафҳои манфиатдори системаи мониторинг ва арзёбии Стратегия таъмин карда шавад. Интишори иттилоот оид ба натиҷаҳои МваА тавассути доир намудани чорабиниҳои иттилоотӣ, нашри ҳисоботи солона ва фосилавӣ оид ба татбиқи Стратегия, ки дар он иттилооти пурра оид ба натиҷаҳои МваА-и Стратегия, аз ҷумла маълумоти мониторинге, ки ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дастрас намудаанд, мавҷуд мебошад, анҷом дода мешавад.

Ба Нақшаи татбиқи Стратегияи мазкур фасли алоҳида оид ба мониторинг дохил карда шудааст.

## 7. МАБЛАҒГУЗОРИИ ТАТБИҚИ СТРАТЕГИЯ

Барои маблағгузории чорабиниҳои Стратегияи давлатии рушди бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 манбаъҳои зерини маблағгузорӣ истифода мешаванд:

- афзоиши даромадҳои буҷети давлатӣ (аз ҷумла суғуртаи иҷтимоӣ) аз ҳисоби зиёд гардидани шумораи машғулбудагон (зиёд шудани шумораи андозсупорандагон) аз ҳисоби:
  - ҳавасмандгардонии иқтисод (рушди соҳаҳои нави иқтисод) ва такмилёбии муҳити соҳибкорӣ;
  - пурзӯр намудани чораҳо оид ба паст кардани ҳаҷми шуғли ба қайд гирифтанашуда;
  - татбиқи чорабиниҳо оид ба фаъолгардонии аҳолӣ;
- профитсити маблағҳои буҷети давлатӣ;
- истифодаи маблағҳои ҳарсолаи мавҷудаи буҷети давлатӣ;
- ҷалб намудани маблағҳои донорҳо.

Такмили системаи суғуртаи иҷтимоӣ:

- бо роҳи ҷудо намудани пардохтҳои суғуртаи иҷтимоӣ аз рӯи намудҳои алоҳидаи суғурта ва андозсупорандагон;
- бо роҳи даст кашидан аз хароҷотҳои ба суғуртаи иҷтимоӣ хоснабуда, ки имкон медиҳад: сатҳи шаффофияти сарфи маблағҳои буҷети давлатӣ баланд бардошта шавад, ҳиссаи ҳаҷми қиёсии маблағҳое, ки барои маблағгузории пардохтҳо ва хизматрасониҳои суғуртаи иҷтимоӣ муайян карда шавад, таъсирнокии татбиқи сиёсати бозори меҳнат пурзӯр карда шавад.

Воридоти маблағҳо барои афзоиши даромадҳо ба буҷети давлатӣ дар давраи то соли 2020 дар се вариант ҳисоб карда шудааст:

- аз музди миёнаи меҳнати дар иқтисод дар давраи то соли 2020 ба нақша гирифташуда;
- аз музди меҳнати ҳадди ақали дар иқтисод ба нақша гирифташуда дар ду шакл дар давраи то соли 2020:
  - андозаи музди меҳнати ҳадди ақал 20%-и музди миёнаи меҳнатро ташкил медиҳад;
  - андозаи музди меҳнати ҳадди ақал 20 фоизи музди миёнаи меҳнатро ташкил медиҳад, вале аз соли 2014 тадриҷан ва ба андозаи баробар афзоиш меёбад ва дар соли 2020 ба 40 фоизи музди миёнаи меҳнат мерасад.

Чорабиниҳои Стратегияро татбиқ намуда, афзоиши умумии пешбинишавандаи даромадҳо ба буҷети давлатӣ дар давраи аз соли 2011 то соли 2020 рақамҳои зеринро ташкил медиҳад:

- дар варианти 1 бо ҳисоб кардани афзоиши даромадҳо аз музди миёнаи меҳнат - 2403,5 миллион сомонӣ;
- дар варианти 2 бо ҳисоб кардани афзоиши даромадҳо аз музди меҳнати ҳадди ақал (20 фоиз) - 467,0 миллион сомонӣ;
- дар варианти 3 бо ҳисоб кардани афзоиши даромадҳо аз музди меҳнати ҳадди ақал (20 – 40 фоиз) – 718,0 миллион сомонӣ.

Дар варианти якум, бо дарназардошти афзоиши даромадҳо ба буҷет ва муқоиса намудани хароҷотҳои ба нақша гирифташаванда, хароҷоти Стратегия аз ҳисоби воридоти даромадҳо ба буҷет аз афзоиши ҳаҷми андозҳои меҳнатӣ аз афзоиши шуғл ва кам гардидани ҳаҷми шуғли ба қайд гирифтанашуда пурра бароварда (талофӣ) мешавад.

Дар варианти дуюм ва сеюм, бо дарназардошти афзоиши даромадҳо ба буҷет ва муқоиса намудани хароҷоти ба нақша гирифташудае, ки барои маблағгузории Стратегия зарур мебошанд, профитсити маблағҳои буҷети давлатӣ ва маблағҳои донорҳоро ҷалб намудан мумкин, ё ин ки маблағгузории чорабиниҳои алоҳидаро ихтисор кардан лозим меояд. Новобаста аз он, ки дар ҳисобҳо саҳми донорҳо ба назар гирифта нашудааст, вазорату идораҳои барои татбиқи чорабиниҳои Стратегия мутассадӣ буда, мунтазам бояд бо ҷалби маблағҳои донорон машғул шаванд, ки ин ба сарфа кардани маблағҳои буҷети давлатӣ мусоидат менамояд.

Хароҷотҳои татбиқи Стратегия дар давраи то соли 2020 аз рӯи ду шакл ҳисоб карда шудааст. Хароҷотҳои зарурӣ барои татбиқи Стратегия дар давраи то соли 2020 рақамҳои зеринро ташкил медиҳанд:

- ба ҳисоби хароҷотҳо аз музди меҳнати ҳадди ақал (20 фоиз) – 852,8 миллион сомонӣ;
- ба ҳисоби хароҷотҳо аз музди меҳнати ҳадди ақал (20 – 40 фоиз) – 1261,7 миллион сомонӣ.

Сохтори хароҷоти татбиқи Стратегия дар Ҷадвали 8 нишон дода шуддаст.

*Ҷадвали 8*

Сохтори хароҷотҳо барои татбиқи Стратегия дар давраи то соли 2020

| Сохтори хароҷотҳо | Шакли 1 андозаи музди меҳнати ҳадди ақал 20%-и музди миёнаи меҳнат (бо фоиз) | Шакли 2 андозаи музди меҳнати ҳадди ақал то соли 2020 ба 40%-и музди миёнаи меҳнат мерасад (бо фоиз) |
|---|---|---|
| Баланд бардоштани музди меҳнати ҳадди ақал | 15,4 | 38,6 |
| Фаъолгардонии аҳолӣ | 38,0 | 25,4 |
| Чорабиниҳои ғайрифаъоли шуғл | 13,7 | 13,8 |
| Таҳкимбахшӣ ва навсозии (такмилдиҳии) иқтидори маъмурии идораҳое, ки ба таҳия ва татбиқи Стратегия, аз ҷумла паст намудани шуғли ба қайд гирифтанашуда ва таҳияи феҳристҳои баҳисобгирӣ машғуланд | 11,4 | 7,7 |
| Масъалаҳои муҳоҷират | 10,6 | 7,1 |
| Ҳавасмандгардонии рушди иқтисод ва беҳтарсозии муҳити соҳибкорӣ | 10,1 | 6,8 |
| Тадқиқот | 0,4 | 0,3 |
| Иттилоотонии ҷомеа | 0,4 | 0,3 |
| Ҳамагӣ | 100,0 | 100,0 |

Шартҳои тартибдиҳии ҳисобҳо оид ба афзоиши пешбинишавандаи даромадҳо ба Буҷети давлатӣ дар ҷараёни татбиқи Стратегия:

1. Воридоти маблағҳо барои афзоиши даромадҳои Буҷети давлатӣ танҳо дар асоси афзоиши шумораи шуғлдоштагон ва тағйирёбии андозаи музди меҳнати моҳона ҳисоб карда шудааст;
2. Меъёри пардохтҳои суғуртаи иҷтимоӣ 26 фоизро ташкил медиҳад, аз ҷумла 1 фоизро корманд мепардозад;
3. Дар ҳисоби андоз аз даромад ҳадди ақали андозбандинашавандаи 35 сомонӣ дар як моҳ истифода мегардад;
4. Дар ҳисоби андоз аз арзиши иловашуда қабул карда мешавад, ки танҳо 30 фоиз аз даромадҳо бо меъёри арзиши иловашуда бо 18 фоиз андозбандӣ мешавад;
5. Дар ҳисоби даромадҳои солона аз андозҳо 7 моҳ гирифта мешавад.

Шартҳои асосии тартибдиҳии ҳисоби хароҷотҳои молиявии зарурӣ барои татбиқи Стратегия:

1. Буҷети давлатӣ алакай барои давраи аз соли 2011 то соли 2013 тартиб дода шудааст, афзалиятҳои буҷет муайян карда шудаанд ва ҳадди ниҳоии хароҷотҳои буҷет муқаррар карда шудааст. Бинобар ин, чорабиниҳои наве, ки аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузорӣ мешаванд, ба қадри имкон аз соли 2014 оғоз шуда, ба нақша гирифта мешаванд. Вале аз соли 2012 маблағгузории чорабиниҳои асосии Стратегия – тақвиятбахшии иқтидорҳои Хадамоти давлатии назорат дар соҳаи меҳнат, шуғл ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ барои паст намудани ҳаҷми шуғли ба қайд гирифтанашуда, таъсис додани системаи иттилоотии автоматизатсияшудаи ҷумҳуриявӣ дар Агентии давлатии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷорӣ намудани системаи дурнамоии кӯтоҳмӯҳлат дар Агентии ҳифзи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират, ташаккул додани асосҳо барои ояндабинии бозори меҳнат дар Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, вусъатбахшии Шарикии иҷтимоӣ, инчунин барои баланд бардоштани музди миёнаи ҳадди ақал ба нақша гирифта шудааст (қарори Ҳукумати ҶТ аз 27.04.2015 № 238).

2. Барои таҳияи ҳуҷҷатҳои меъёрии нав ва такмилдиҳии ҳуҷҷатҳои меъёрии мавҷудбуда маблағҳои молиявӣ муқаррар карда намешаванд, чунки маблағҳои дар доираи буҷетҳои мақомоти иҷроия тасдиқгардида истифода карда мешаванд.

3. Барои хароҷотҳо оид ба иттилоотонии ҷомеа бархурди ягонаи муқаррар намудани ҳаҷми хароҷотҳо қабул карда мешавад ва маҷмӯи хизматрасониҳо тартиб дода шудааст, ки барномаҳои телевизионӣ ва радиоӣ, мақолаҳо дар рӯзномаҳо, нигоҳдории веб-сайтҳо ва дигар чорабиниҳоро бо арзиши умумии 79,4 ҳазор сомонӣ дар як сол дар бар мегирад. Дар айни ҳол барои ҳар як идора хароҷотҳо танҳо як маротиба аз рӯи ҳама намудҳои иттилоотонӣ дохил карда шудаанд.

Нишондиҳандаҳои эҳтиёҷот ба маблағгузорӣ барои ҳар як сол дар Нақшаи молиявии Стратегия (Замимаи 4) оварда шудаанд.

Афзалиятҳое, ки дар Стратегияи мазкур пешниҳод гардидаанд, дар доираи маблағҳои мувофиқи Дастурамали соҳавӣ оид ба ташаккули Барномаи миёнамӯҳлати хароҷотҳои давлатии (БМХД) пешбинигардида, буҷети соҳаи меҳнат ва ҳифзи иҷтимоӣ барои солҳои 2012-2015 ва минбаъд то соли 2020 маблағгузорӣ мешаванд.

## 8. НАТИҶАҲОИ ЧАШМДОШТ

Натиҷаҳои чашмдошти татбиқи Стратегия инҳоянд:

- баланд гардидани сатҳи шуғл;

- кам гардидани ҳаҷми шуғли ба қайд гирифтанашуда;
- афзудани фасеҳии бозори меҳнат;
- таъсисёбӣ ва такмилёбии манбаъҳои маълумотҳои иттилоотӣ, воситаҳои дастгирии таҳия ва таҳлили сиёсат;
- вусъатёбии тадбирҳои фаъоли шуғл барои гурӯҳҳои мақсадноки мухталиф;
- навсозии мақомот ва хадамоти барои таҳия ва назорати иҷроиши сиёсати меҳнат ва шуғл масъулбуда.

Мувофиқи дурнамои демографӣ то соли 2020 шумораи аҳолӣ ба 9,65 миллион нафар мерасад.

Дар тӯли даҳсолаи наздиктарин сатҳи шуғл бояд то 62,5 фоиз (андозаи қиёсии аҳолии шуғлдошта дар гурӯҳи дахлдори синнусолии аҳолии қобили меҳнат, бо фоиз), сатҳи шуғли занон то 42 фоиз баланд мегардад (Ҷадвали 9). Дар айни ҳол сатҳи шуғл дар тамоми минтақаҳои Тоҷикистон баланд мешавад. Ба баланд бардоштани сатҳи шуғл татбиқи чорабиниҳои Стратегияи мазкур, татбиқи вазифаҳои Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи солҳои 2010-2012, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015 ва барномаҳои соҳавӣ, инчунин иҷрои сиёсати давлатии сармоягузорӣ имкон медиҳанд.

Сармоягузориҳои давлатӣ ва хусусӣ имкон доданд корхонаҳои нави бузург сохта шаванд, соҳибкории хурд ва миёна рушд ёбад, намудҳо ва ҳаҷми хизматрасониҳо зиёд гардад.

***Ҷадвали 9***

Дурнамои демографӣ ва сатҳи шуғлнокии аҳолӣ

| № | **Нишондод** | **с.2008** | **с.2009** | **с.2010 баҳо** | **с.2011 дурнамо** | **с.2012 дурнамо** | **с.2013 дурнамо** | **с.2014 дурнамо** | **с.2015 дурнамо** | **с.2016 дурнамо** | **с.2017 дурнамо** | **с.2018 дурнамо** | **с.2019 дурнамо** | **с.2020 дурнамо** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Аҳолии аз синни қобили меҳнат паст, ҳаз. нафар | 2622,5 | 2635,2 | 2651,4 | 2695,2 | 2738,1 | 2779,5 | 2830,4 | 2897,5 | 2966,6 | 3034,0 | 3103,0 | 3172,7 | 3242,6 |
| 2. | Аҳолии қобили меҳнат, ҳаз. нафар | 4373,2 | 4536,2 | 4683,9 | 4807,6 | 4935,7 | 5066,4 | 5192,0 | 5298,5 | 5406,5 | 5513,6 | 5619,4 | 5721,1 | 5824,7 |
| 2.1. | Аз ҷумла занон, ҳаз. нафар | 2181,0 | 2249,0 | 2320,0 | 2378,0 | 2440,0 | 2503,0 | 2562,0 | 2612,0 | 2661,0 | 2709,0 | 2756,0 | 2800,0 | 2846,0 |
| 3. | Аҳолии аз синни қобили меҳнат калон, ҳаз. нафар | 378,1 | 367,0 | 374,2 | 383,9 | 395,0 | 410,4 | 425,2 | 445,6 | 466,6 | 492,1 | 519,6 | 553,1 | 586,0 |
| 4. | Ҳамагӣ аҳолӣ, ҳаз. нафар. | 7373,8 | 7538,4 | 7709,5 | 7886,7 | 8068,8 | 8256,3 | 8447,6 | 8641,6 | 8839,7 | 9039,7 | 9242,0 | 9446,9 | 9653,3 |
| 5. | Сатҳи шуғлнокӣ, бо % | 49,6 | 48,9 | 49,5 | 50,5 | 51,5 | 52,5 | 53,5 | 55 | 56,5 | 58 | 59,5 | 61 | 62,5 |
| 6. | Ҳамагӣ машғули кор, ҳаз. нафар | 2168 | 2219 | 2319 | 2428 | 2542 | 2660 | 2778 | 2914 | 3055 | 3198 | 3344 | 3490 | 3640 |
| 7. | Афзоиши ҳарсолаи аҳолии машғули кор, ҳаз. нафар | 18 | 51 | 100 | 109 | 114 | 118 | 118 | 136 | 140 | 143 | 146 | 146 | 151 |
| 8. | Аҳолии фаъол, ҳаз. нафар | 2217 | 2264 | 2370 | 2481 | 2597 | 2717 | 2841 | 2983 | 3130 | 3279 | 3432 | 3586 | 3744 |
| 9. | Шумораи бекорони ба қайд гирифташуда, ҳаз. нафар | 49 | 44,5 | 51,07 | 53,16 | 55,34 | 57,6 | 62,85 | 68,73 | 74,97 | 81,55 | 88,46 | 95,68 | 103,29 |

То соли 2020 ба соҳаи шуғл ҷалб намудани зиёда аз 1,4 миллион нафар зарур мебошад. Ҳамин тариқ шумораи умумии аҳолии дар иқтисоди кишвар машғули кор буда бояд ба 3,64 миллион нафар расад.

Дар мавриди нигоҳ доштани раванди афзоиши музди меҳнати ҳадди ақал ва он аз 20 фоизи музди меҳнати миёна баландтар нашавад, то соли 2020 музди меҳнати миёна то 921 сомонӣ меафзояд ва музди меҳнати ҳадди ақал 201 сомонӣ дар як моҳ мешавад. Агар пешниҳоди дар Стратегия овардашуда татбиқ гардад, яъне аз соли 2014 музди меҳнати ҳадди ақал зиёд гардида, то соли 2020 40 фоизи музди меҳнати миёнаро ташкил медиҳад, дар ин ҳол музди меҳнати ҳадди ақал то соли 2020 379 сомониро дар як моҳ ташкил менамояд (ниг. Ҷадвали 7).

Хароҷотҳои буҷетӣ 20 фоизи ММД-ро ташкил медиҳанд, меъёрҳои андозҳо тағйир меёбанд – меъёри пардохтҳои суғуртаи иҷтимоӣ бинобар ҷорӣ гардидани намуди нави суғуртаи иҷтимоӣ – аз ҷароҳатбардории меҳнатӣ ва бемории касбӣ афзоиш меёбад, вале ҳиссаи пардохтҳои корфармоён камтар мешавад, зеро азнавтақсимкунии меъёри пардохтҳои суғуртаи иҷтимоӣ байни корфармо ва корманд гузаронида шудааст. Ҳаҷми умумии пардохтҳои суғуртаи иҷтимоӣ ба меъёрҳои алоҳида барои ҳар як намуди суғуртаи иҷтимоӣ ҷудо карда шудаанд. Давлат дар пардохти суғуртаи иҷтимоӣ барои табақаҳои алоҳидаи аҳолӣ иштирок мекунад. Инчунин меъёри пардохтҳои суғуртаи иҷтимоӣ барои намудҳои мухталифи пардохткунандагон муқаррар карда мешавад.

Низоми пардохти маблағҳои суғуртаи иҷтимоӣ беҳтар гардида, сатҳи иттилоотонии аҳолӣ баданд карда мешавад. Чун натиҷа на камтар аз 10 фоизи бекорон ба пардохти кӯмакпулӣ ҳуқуқ пайдо мекунанд. Шумораи корҷӯяндагони аз хизматрасонии ММША истифодабаранда то 82 ҳазор нафар мерасад (қариб 4 маротиба зиёдтар) ва онҳо дар чорабиниҳои фаъол иштирок менамояд, ба корфармоён хизмат расонида мешавад. Дар соли 2020 20 ҳазор нафар корҷӯён ва бекорон дар касбомӯзӣ, бозомӯзӣ ва баланд бардоштани ихтисос бо мақсади дастрас намудани ихтисос ва малакаҳои ба талаботи бозори меҳнат ва корфармо ҷавобгӯ буда, иштирок менамоянд (қарори Ҳукумати ҶТ аз 27.04.2015 № 238).

Системаи банақшагирии миёнамӯҳлати Буҷети давлатӣ ҷорӣ карда шудааст ва буҷети давлатии соли 2014 бо дарназардошти бархурдҳои наве, ки ҳамаи вазорату идораҳо истифода мекунанд, ташаккул меёбад. Ҷорӣ гардидани системаи муайянкунии афзалиятҳои буҷетӣ, таъсиси системаи натиҷаҳо ва нишондиҳандаҳои самаранокӣ ва истифодаи нишондиҳандаҳои амалӣ дар банақшагирӣ ва татбиқи сиёсат, инчунин барои банақшагирии буҷет, иҷро ва барои назорати иҷрои буҷет.

Бо дарназардошти вазъи демографӣ – вобаста ба сатҳи баланди таваллуд маблағи зиёдтар барои соҳаҳои маориф, шуғл ва тандурустӣ пешбинӣ карда мешавад.